Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №76-77 (2903-2904) | СЕШАНБЕ, 19 ИЮНИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



**Панҷ сол пеш мо бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисодии мардум, баланд бардоштани маданияти маъракаоронии шаҳрвандон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ яке аз қонунҳои бунёдӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кардем. Ва имрӯз вақт ҳамчун довари бузург собит сохт, ки қабули чунин як қонун иқдоми хираднамандонае буд, ки на танҳо ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуд, балки дар шароити тезутунди ҷаҳонишавӣ ва бӯҳрони молиявӣ манфиатҳои мардуми кишварро дар доираи арзишҳои миллӣ, динӣ ва башарӣ ба таври назаррас ҳифз кард ва ба дарди онҳо даво бахшид.**

Эмомалӣ РАҲМОН,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Қонуни миллӣ – кафолати зиндагии шоиста

**Таърих гувоҳ аст, ки фарҳангу тамаддуни ҳар миллат ва халқият дар раванди шаклгирӣ ва рушд ба омезишҳои беҷойи фарҳанги дигар халқу миллатҳо рӯ ба рӯ мешавад. Омезиши фарҳангҳо бошад, хоҳу нохоҳ дар урфу одат, анъана ва маросимҳои мардумӣ инъикоси худро меёбанд. Маҳз бо ҳамин далел тӯли садсолаҳои таърих ҷашну маросимҳои миллии мо низ ба чунин омезишҳо гирифтор шуда, сарбориҳои зиёдро ба сари мардуми оддӣ бор намуданд. Ин раванд то солҳои наздик, аниқтараш то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» миллати муосири соҳибдавлатро зери бори гарони одатҳои гуногун монда, шаҳрвандонро ба баргузории маъракa ва маросимҳои зиёд ва серхарҷ талқин менамуд.**

**Бо назардошти вазъи бамиёномада ва бо мақсади ҷилавгирӣ аз омезишҳои гуногун, ки барои қишрҳои гуногуни ҷомеа вазниниҳои муайянро ба бор оварда буданд, зарурати таҳия ва қабули қонуни мазкур пеш омад, ки ҳадафи он, пеш аз ҳама, ба низом даровардани маъракаю маросимҳои мардумӣ ба шумор мерафт.**

Албатта, ин иқдом дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомадааст, балки тақозои замон буд. Зеро вазнин шудани баргузории маросимҳои азодорӣ, маъракаҳои серхарҷи хурсандӣ, ки ба қарздоршавӣ, паст гардидани сатҳи зиндагии оилаҳо ва ҳатто ба вайроншавии онҳо оварда мерасониданд, Ҳукумати кишварро водор сохт, ки доир ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ чораҳои бетаъхир андешад. Мушкилӣ сари он буд, ки ҳазорҳо ҷавон аз сабаби зиёд будани хароҷоти расмиёти анъанавӣ издивоҷ карда наметавонист. Падару модарон ба хотири раҳоӣ аз таънаю маломат ва хиҷолат дар назди ҳамсояҳо бо баҳонаҳои гуногун издивоҷи фарзандонро ба таъхир меандохтанд.

Дар маҷмӯъ, вазъи маросимҳои азодорӣ боз ҳам вазнинтар гардида, дар ниҳоят ба саломатии насли наврас, ахлоқи ҷомеа ва вазъи иқтисодии ҳар як оила латма ворид мекард. Зеро ба ғайр аз маросимҳои «саритахта», «себегоҳина», «ҳафт», «бист», «чил», «шашмоҳагӣ» ва «сол» соҳиби майит давоми як сол ҳар ҳафта «ҷумъагӣ» медод. Ин ҳама вазнинӣ ба болои марг ва фоҷиа ҳолати соҳибони майитро сангинтар мекард. Як нафари фавтида ба ҳолати моддии чанд оила таъсир расонида, онҳоро рӯҳан афгор менамуд. Аксар шаҳрвандони мо аз тарси таънаи мардум ба ҳамаи ин вазниниҳо тоқат мекарданд, ҳарчанд медонистанд, ки бисёре аз ин маросимҳо аз доираи талаботи дини мубини ислом берун буда, ба ахлоқ ва одоби миллии мо низ мувофиқат намекарданд.

Бинобар ин, ниҳоят зарур буд, ки моҳияти аслии ин масъала бо усулҳои гуногун, аз ҷумла бо роҳи шарҳу тавзеҳ ба мардум фаҳмонида шаванд. Тавре ки ишора кардам, қонун дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомадааст. Мо ҳанӯз соли 1999 доир ба зарурати танзими маъракаҳо Комиссияи ҷумҳуриявӣ таъсис додем, вале мавҷудияти чанд омил мушкилиҳо пеш оварда, имкон надод, ки дар амалӣ намудани ин нияти нек муваффақ шавем. Пеш аз ҳама хурофот ниҳоят чуқур реша давонда, манфиатдорони чунин сурат гирифтани маъракаю маросимҳо ниҳоят зиёд шуда буданд. Аз тарафи дигар, зоҳирпарастию худнамоӣ ба ҳукми анъана даромада, ҳолати оилаҳои нисбатан дасткӯтоҳро боз ҳам вазнинтар менамуд. Бо дарки муҳимияти масъала моро зарур буд, ки ҳамчун давлати иҷтимоӣ чунин зуҳуроти номатлубро пешгирӣ намоем.

Бо назардошти ин, новобаста аз он ки дар ин самт таҷрибаи кофӣ надоштем, анъанаҳои аҷдодии танзим ва талаботи дини мубини ислом ба мо имкон дод, ки барои ҳимояи манфиатҳои мардуми кишвар лоиҳаи қонун дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳоро таҳия намоем.

**Яке аз масъалаҳое, ки дар ибтидо дарк ва ҳалли илмии худро тақозо дошт, ин мувофиқати қонуни нав ба принсипҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон буд.** Дар назари аввал масъалаи мазкур оддӣ менамояд, вале дарк ва ҳазми он дар чаҳорчӯбаи Конститутсияи кишвар ва созишномаҳои байналмилалӣ аҳамияти ниҳоят ҷиддӣ дошт. Аз ин хотир, дар қонун бо роҳи муайян намудани ҳадаф ва мақсадҳо моҳияти масъаларо равшан намудем ва ба шаҳрвандон фаҳмондем, ки мақсади аслии ин қонун ҳимояи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии мардуми Тоҷикистон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Ин буд, ки иқдоми моро мардуми кишвар ба хубӣ истиқбол ва ҷонибдорӣ намуд.

Ҳадафи дигар ва марказии қонун таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ маҳсуб мешавад. Аз ин хотир, қонунҳои кишвар ва уҳдадориҳои байналмилалӣ ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва тартиботи ҷамъиятӣ танзим намудани муносибатҳо ва маҳдудсозии қонунии амалҳоро ҷойиз медонад. Яъне, маҳдудсозӣ ба хотири ҳифзи манфиати дигарон ва нигоҳдошти тартиботи ҷамъиятӣ дар ҷомеаи демократӣ тавассути қонун қобили қабул аст. **Дар асл бошад, маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки нисбат ба ашхоси ҷудогона татбиқ мешавад, дар қонун вуҷуд надорад, қонуни танзим на ба маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳо, балки ба танзими доираи амали онҳо равона шудааст.**

(Идома дар саҳ. 2)

● Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

# Ҷонибдории қонунҳо ба рушди бахшҳои ҷомеа заминаи мусоид мегузоранд

*(Идома аз шумораи гузашта)*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ – Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2004 қабул гардида, аз 62 бобу 508 модда иборат мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» маротибаи аввал аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2011 қабул ва дар Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум аз ҷониби Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният баррасӣ гардида, бинобар мухолифат доштанаш бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», инчунин Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ нагардид.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду инкишофи минбаъдаи иқтисодӣ тариқи истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалияи умумиэътирофшуда иборат мебошад.

Вобаста ба ин, қисми 3 моддаи 47 Кодекси мазкур дар таҳрири нав ифода гардида, тибқи он шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба ҳамин мақом пешниҳод карда мешавад.

Ба қисми 1 моддаи 69 Кодекс банди дуюм бо мазмуни зерин илова шудааст:

«Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тадбирҳои эҳтиётиеро, ки интиқолдиҳанда барои пешгирии истифодаи беиҷозати мол ва воситаҳои нақлиёт дар қаламрави гумрукӣ ҳангоми расиданашон берун аз вақти кори мақоми гумрук бояд андешад, муайян менамояд.».

(Идома дар саҳ. 3)

# Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**18 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Суратгир А. ИСОЕВ

Баъд аз қабули қарор дар бораи тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Шӯро ба баррасии масъалаҳо шурӯъ намуданд.

Нахуст, раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор доир ба масъалаи зерини рӯзнома - «Дар хусуси лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулов Ҳ. Ҳ. «Оид ба рафти иҷрои сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2012» гузориш манзур намуд.

Сипас, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ У. Давлатов, оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон М. Ҷабборова, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Х. Юсуфӣ, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А. Азимов, оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов, узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Н. Маҳмудов масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ва «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо», «Оид ба лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Протокол оид ба ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори низомӣ дар қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ», «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растаниҳо» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» -ро ҷиҳати баррасӣ пешниҳод карда, шарҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур қарорҳои алоҳида қабул карда, ин масъалаҳоро барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» - ро тавзеҳ дод.

Мутобиқи муқаррароти қарорҳои қабулкардаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои номбурда ҷиҳати додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Ҳамзамон қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои дигари рӯзнома – «Оид ба тамдид кардани мӯҳлати баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул гардиданд.

*Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»*



Дар мулоқот масоили ҳамкории дуҷониба, аз ҷумла ба кор даровардани чархаи дуюми Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», оғози сохтмони Неругоҳи барқи обии «Айнӣ» дар болои рӯди Зарафшон, ба ҳам пайвастани шабакаҳои нақлиётию барқии ду кишвар, кашидани лӯлаи об аз Эрон ба Тоҷикистон баррасӣ шуд.

Ду ҷониб аз фаъолияти босамари 150 ширкати эронӣ дар Тоҷикистон ва афзоиши тиҷорати мутақобила, ки соли 2011 ҳаҷми умумии он ба 204 миллион доллари амрикоӣ расида, нисбат ба соли 2010-ум 2 фоиз афзудааст, изҳори қаноатмандӣ карданд. Ҳамзамон бо ин Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки «имкону захираҳо барои чанд маротиба боло бурдани нишондодҳои табодули молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Эрон хеле зиёд аст».

Дар мулоқот ҳамчунин доир ба дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯ сурат гирифт.

www.prezident.tj

# Имкону захираҳои ҳамкории Тоҷикистону Эрон зиёданд

**15 июни соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муовини раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Лутфулло Фурӯзандаро ба ҳузур пазируфт.**

# Қонуни миллӣ – кафолати зиндагии шоиста



(Идома аз саҳ. 1)

Ҳамин тавр мазмун ва муҳтавои лоиҳаи қонун дар ибтидо дар мизони талаботи Конститутсия, созишномаҳои байналмилалӣ роҷеъ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мутобиқ карда шуд. Гузашта аз он, мувофиқати лоиҳаи қонун ба арзишҳои исломӣ ва фарҳанги миллии ниёгонамон аз ҷониби мутахассисон мавриди таҳлил қарор гирифт. Танҳо пас аз таҳлилҳои ҳамаҷонибаи илмӣ мо лоиҳаи қонунро ба баррасии ҷомеа гузошта, доираи васеи шаҳрвандонро дар такмили мазмуну муҳтавои он ҷалб намудем.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти зиёда аз 20 ҳазор дархосту пешниҳоде, ки ба гурӯҳҳои кории Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва сайти Президенти Тоҷикистон ворид шуда буд, таҳия гардид. Дар баррасии он мардум тавассути воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои телевизионӣ фаъолона ширкат варзиданд. Қонуни мазкур бо тақозои рушди ҷомеа, бо такя ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои динӣ ва мардумӣ пешниҳод гардида, ҳамаи қишрҳои ҷомеаро дар раванди қабули қонунгузории давлати демократии мо ҷиддан фаъол намуд. Дар фазои озод шаҳрвандон бо таклифу пешниҳод ва андешаҳои мустақили худ барои такмили лоиҳаи қонун ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии хеш саҳм гузоштанд.

Чунин фаъол будани мардум дар раванди қабули қонун намунаи равшани дастоварди давлати демократии Тоҷикистон буд, ки иртиботи бевоситаи воридшавии иродаи мардумро ба мазмуни қонунгузории кишвар собит мекард ва умеди роҳбарияти давлат ва Ҳукуматро ба татбиқи қонун аз рӯзҳои аввал қавӣ мегардонид. На танҳо мазмуни қонун, балки раванди қабули он аз лаҳзаҳои аввали муҳокимарониҳо ва амалишавии баъдии он дар доираи манфиати мардум боварии моро ба он, ки қонун ба принсипҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон мувофиқат мекунад, амалан собит сохт.

Ҳамин тавр, мо дар ҷустуҷӯи ҳалли мушкилии мардум ҳамчун давлати иҷтимоӣ саъй намуда, аз фазои озоди ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода кардем ва ҳаққи қонунгузории халқро дар давлати демократӣ тақвият бахшида, ба қабули қонуне муяссар шудем, ки табиатан миллӣ ва мардумӣ аст.

Қонуни мазкур дар раванди қонунэҷодкунии на танҳо Тоҷикистон, балки кишварҳои хориҷи наздику дур, таҷрибаи нахустин ба ҳисоб меравад. Мо аз оғоз эҳсос мекардем, ки ба воситаи қонун танзим намудани чунин як нуктаи ҳассос ва нозуки ҳаёти иҷтимоӣ - анъана ва ҷашну маросимҳои дар тӯли солҳо шаклгирифта заҳмати зиёди шабонарӯзиро тақозо дорад.

Дарк намудани моҳияти қонуни нав ва паҳнои амали он аз муҳимтарин вазифаҳои қонунгузории кишвар буд. Халқи мо дар шароити соҳибистиқлолӣ ба ҷаҳони нав бо симои нав ва бо урфу одатҳои мутобиқ ба манфиати мардум ворид мешуд.

Албатта, ҳар навоварӣ ва ҳар ислоҳот мушкилиҳои худро дорад ва мо хуб эҳсос мекардем, ки зарурати танзими ҷашну маърака ва маросимҳоро на ҳама қишри ҷомеа ба зудӣ дарк мекунад ва на ҳама гурӯҳҳое, ки аз чунин шакл гирифтани маъракаҳо манфиатдоранд, ба осонӣ ба ин раванд мусоидат хоҳанд кард. Вале мақсади асосии Ҳукумат, ки танҳо ҳимояи манфиатҳои мардум буд, мо на танҳо дар таҳия ва қабул, балки дар як муддати кӯтоҳ ба татбиқи ин қонун муваффақ шудем.

Барои бисёриҳо равшан аст, ки расму оинҳои миллӣ ва ҷашну маросимҳо дар ҳаёти фарҳангӣ, маънавӣ ва моддиву маишии халқи мо басо таърихи тӯлонӣ доранд ва нақши онҳо ҳамчун қисми таркибии фарҳанги миллӣ дар тарбияи насли наврас хеле бузург мебошад.

Худшиносӣ, эътироф ва қадрдонии урфу одат, арзишҳои миллӣ, эҳтиром ба ҷаҳонбинии динӣ ва афзалият ба ғояи шаҳрвандии ташкили давлат аз ҷумлаи усулҳоест, ки давлатҳои хурду тозаистиқлолро дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифз менамояд.

Маҳз аз ҳамин нуктаи назар, мо якҷо бояд бар он мусоидат намоем, ки расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ дар таҳкими ваҳдату худшиносии миллӣ, дӯстиву рафоқату якдигарфаҳмӣ, меҳмонпазирӣ, ғамхорӣ ва раҳму шафқат ба ҳамдигар доир шуда, дорои аҳамияти маънавию тарбиявӣ бошанд.

Худ қазоват кунед, тибқи иттилои расмӣ, то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба сари ҳар оила тахминан 30 маъракаю маросим, аз ҷумла 10 маросими азодорӣ ва 20 маъракаи хурсандӣ рост меомад. Ҳол он ки таҳлили амиқи ин маъракаҳо собит менамояд, ки на ҳамаи онҳо ҷавҳари таълимоти динӣ ва фарҳанги миллии моро доштанд, балки аксаран хурофоте беш набудаанд.

Аз ҷониби дигар, дар баргузории ҷашну маъракаҳои мардумӣ омилҳои субъективӣ ва инфиродӣ низ таъсири манфии худро гузошта буданд. Ғолиб омадани ҳирси манманӣ, худнамоӣ ва тақлидкорӣ тадриҷан ба манбаи хатари азим ба иқтисодиёти оила ва ҷомеа мубаддал гардида буд. Таъиноти муҳими маъракаҳо на адои вазифаи волидайн дар назди фарзандон, балки зоҳирпарастию худнамоӣ ва мусобиқаи беҷои соҳибони маъракаҳо маҳсуб мешуд.



Асосан пайдоиши ин омилҳои номатлуб аз охирҳои солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум, вақте ки дар кишварамон сулҳу субот пойдор гашт, сарчашма мегирад. Мардум озодона ба кору тиҷорат машғул шуда, дараҷаи некӯаҳволии худро беҳтар мекард. Он маблағҳое, ки аз сарчашмаҳои гуногун ва, албатта, бо заҳматҳои шабонарӯзӣ ба даст меомаданд, мутаассифона, аксаран ғайри мақсад сарф мешуданд.

Дар муддати кӯтоҳ дар ҷашнҳои арӯсӣ истифодаи теъдоди зиёди мошинҳо, бо маблағи калон даъват намудани сарояндаҳои номдор, харҷи зиёди анвои нӯшокиву хӯрок, пулчаспониҳо ба ҳукми анъана даромада, ба ғайр аз намоишкорӣ ва исрофкории бемаънӣ, моҳияти дигар надоштанд.

То қабули қонун маросимҳои мотаму азодорӣ тадриҷан махсусияти худро гум карда, дар бисёр маврид аз маъракаҳои хурсандӣ фарқ намекардагӣ шуд. Дастурхонҳо тӯёна оро дода шуда, одамон гӯё ба тамошо меомаданд, зери ин намоишкориҳо бошад, миёни хамзадаи соҳиби маърака ва қарзҳои гирифтаи ӯ ноаён мемонд. Танҳо пас аз гузаштани маърака камбағалию тангдастӣ якҷо бо дигар мушкилиҳои рӯзгор бо соҳибхона даст ба гиребон мегардид.

Бисёриҳо фикр мекарданд, ки чунин мушкилиҳо аслан оилавӣ ва шахсӣ буда, ба давлат ва ҷомеа иртиботе надоранд. Не, ин андеша куллан нодуруст аст, зеро саодатмандию ободии ҷомеа аз саодату ободии ҳар шаҳрванд ва оила вобаста буда, давлати иҷтимоию адолатпарвар ҳаққи маънавӣ надорад, ки нисбат ба чунин масъалаи муҳим бетаваҷҷуҳ бошад.

Ҷойи шубҳа нест, ки анъана ва ҷашну маросимҳо ҳамчун омили муҳими зуҳуроти иҷтимоӣ зарурат ба таҳлил ва танзим дошта, мутобиқи талаботи замон бояд инкишоф ёбанд. Таҷрибаи таърихӣ собит менамояд, ки ҳисси худхоҳии инсонҳои алоҳида на як бору ду бор мушкилиҳои вазнинро ба дӯши тамаддунҳо ва давлатҳо вогузор намудааст. Аз ин хотир, сарчашмаҳои динӣ, адабӣ ва маънавии тамаддунҳо ба хотири тарбияи инсон дар роҳи дурусти зиндагӣ сарфаю сариштакориро тарғиб намуда, манъи исрофкорию худнамоиро таъкид доштаанд. Китобҳои осмонии Қуръону Забур ва Тавроту Инҷил сарфакориро дар қутбҳои гуногуни олам дар давраҳои муайяни таърихӣ таълим дода, инсониятро ба зиндагии орому муназзам ҳидоят кардаанд. Дар сарзамини таърихии тоҷикон тамоми таълимоти динию фалсафӣ пайваста исрофкориро маҳкум карда, хайру саховат ва дастгирии байниҳамдигариро тарбият намудаанд. Ҳатто салтанатҳои бузурги Рим, Сосониён ва Сомониён ба хотири ҳимояи мардум аз исрофкорӣ ва анъанаҳои беҷо амру дастурҳои махсус ба тасвиб расонидаанд.

Фарҳанги исломии мо низ оғоз аз Қуръони Карим то ҳадису фатвоҳои бузургон ҷилавгирӣ аз сарфи беҷои молро таълим дода, исроф ва карру фарри зиёдатиро инкор кардааст. Худованди мутаъол исрофкориро манъ карда, исрофкунандагонро ба шайтонҳое шабоҳат медиҳад, ки мардумро ба гумроҳӣ мебаранд: «Ба ҳеҷ ваҷҳ исроф макун. Ба дурустӣ, ки исрофкорон бародарони шайтонҳоянд...».

Олими бузурги олмонӣ Гегел зикр намудааст: «Дар он ҷое ки карру фар ва серхарҷӣ ба авҷи аъло мерасад, дар нуқтаи дигари ҳаёти ҷамъиятӣ дар он рӯзгор талабот ва вайроншавӣ ба ҳамин сатҳ боло меравад, исрофкорӣ ва карру фарри зиёдатӣ дар ҷомеа бунёди ахлоқ ва маърифатро хароб мекунанд».

Бузургони мо Рӯдакию Фирдавсӣ, Ғаззолию Аттор, Саъдию Ҳофиз, Носири Хисраву Мавлонои Балхӣ исрофкорӣ, серхарҷӣ ва нозидану болидан аз моли дунёро амали нохуб ҳисобида, хоксорию накӯкорӣ ва ёрӣ ба ниёзмандонро аз амалҳои муҳими инсонӣ ва мусулмонӣ шумурдаанд. Фиқҳи ҳанафӣ ҳатто пӯшидани либосҳои зарҳалию фохирро амали номатлуб донистааст.

Бо назардошти омилҳои ёдрасгардида ва бо мақсади ҳимояи манфиатҳои конститутсионии шаҳрвандон, бори нахуст дар ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ба низом даровардани расму оин ва маъракаҳои мардумӣ тавассути қонун иқдом карда шуд. Ниҳоят 8 июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

Бояд зикр кард, ки дар як муддати кӯтоҳ санади мазкур зарурат ва аҳамияти худро ба ҷомеаи Тоҷикистон собит сохта, барои пешгирӣ ва бартараф намудани исрофкорию хароҷоти беҳуда дар тӯю маърака ва маросимҳои азодорӣ ва дар ҳамин асос ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа мусоидат кард.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол ба сол ҳар як меъёри қонун ба зиндагии мо роҳ ёфта, баҳри ба низом даромадани маъракаҳоямон нақши муҳим бозида истодааст. Мо медонем, ки ба танзим даровардани расму анъанаҳо, ки тӯли асрҳо аз насл ба насл гузашта, дар тафаккури мардум ҷой гирифтаанд, кори яксола нест. Масалан, то қабули қонун як тӯйи домодию арӯсӣ маъмулан нӯҳ маъракаи алоҳида дошт. Имрӯз чунин тӯйҳо дар доираи қонун бо ду маъракаи асосӣ гузаронида мешаванд, ки манфиаташ ба маротиб зиёд аст. Чунин сабукӣ дар муддати кӯтоҳ вазъи иқтисодии оилаҳоро беҳтар карда, ба шаҳрвандон имкон дод, ки маъракаҳои хурсандии худро камхарҷ барпо намоянд. Дар ин замина тӯйҳои домодию арӯсӣ якбора афзоиш ёфта, ҳазорҳо ҷавон оила барпо намуд.



Ҳанӯз аз ибтидои қабули қонун дар моҳҳои июн-сентябр ҳолати аз қайди никоҳи давлатӣ гузаштан дар муқоиса ба семоҳаи то қабули қонун **8 ҳазору 900 адад**, дар шаш моҳ бошад, ба **23 ҳазор адад** афзоиш ёфтааст. Дар баробари афзоиш ёфтани тӯйҳо гузаштан аз қайди никоҳи давлатӣ низ зиёд шуда, ба амалияи ҳуқуқӣ таъсири мусбат расонд. Агар дар соли 2006 дар ҳудуди ҷумҳурӣ беш аз 52 ҳазор адад ақди никоҳ баста шуда бошад, дар соли 2007 ин нишондиҳанда ба 97 ҳазор ва дар соли 2008 ба 100 ҳазор расид. Яъне, тӯйҳои домодию арӯсӣ ду маротиба афзоиш ёфтанд. Агар ба динамикаи ҳолати ақди никоҳ дар солҳои 2006-2011 назар андозем, тибқи маълумоти мавҷуда он батадриҷ афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, қабл аз қабули қонун хароҷоти баргузории тӯйи домодию арӯсӣ аз ду ҷониб аз 15 то ба 30 ҳазор сомонӣ расида, ба ҳисоби миёна барои баргузории як маърака дар Тоҷикистон тахминан **8750 сомонӣ** рост меомад. Дар ҳафт моҳи амали қонун, мутобиқи маълумоти комиссияиҳои доимии танзими анъана ва ҷашну маросимҳо хароҷоти тӯйи домодию арӯсӣ барои ду ҷониб ба **9 - 10 ҳазор сомонӣ** ва ҳисоби миёнаи хароҷоти як маърака ба **3000 сомонӣ** фаромад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки аксари кулли соҳибони маъракаҳо аз амалӣ шудани қонун ҷонибдорӣ мекарданд, зеро ба хубӣ дарк менамуданд, ки бо ин роҳ метавонанд маблағҳои худро барои ниёзмандиҳои дигари рӯзгор сарф намоянд.

Маъракаи хатнасур бошад, то давраи ба тасвиб расидани қонун бо 5 маъракаи иловагии дигар, ки ҳар яке аз онҳо алоҳида барпо мешуданд ва дар онҳо садҳо нафар иштирок мекард, ба ҳукми анъана даромада буд. Баъзе маъракаҳо то як ҳафта идома меёфтанд, ки ба соҳибмаърака ғайр аз вазнинӣ чизи дигаре намеовард. Қонун маросими хатнасурро ба табиати аслии вай мутобиқ намуда, ба шаҳрвандон имкон дод, ки ин маросимро ба таври ихтиёрӣ бидуни маърака ва ё бо даъвати то 60 нафар баргузор намоянд. Дар панҷ соли амали қонун беш аз 40 ҳазор тӯйи хатнасур барпо гардида, **боқимонда бидуни барпо намудани маърака онро анҷом додаанд**.

Таҳлили панҷ соли амали қонун гувоҳӣ он аст, ки комиссияҳои доимӣ ва ҷамъиятӣ дар татбиқи моддаҳои дахлдори он ба натиҷаҳои муайян расиданд. Мувофиқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз моҳи июни соли 2007 то якуми апрели соли 2012, яъне дар муддати 5 сол дар ҳудуди ҷумҳурӣ беш аз **688 ҳазор** маърака ба қайд гирифта шуда, барои баргузории онҳо **1 миллиарду 918 миллион сомонӣ** хароҷот шудааст, ки ба ҳисоби миёна барои як маърака тахминан 2800 сомонӣ рост меояд. Агар хароҷоти миёнаи як маъракаро, ки то қабули қонун ба ҳисоби миёна 8750 сомонӣ муқаррар шудааст, бо 2800 сомонии баъди қабули қонун қиёс намоем, маълум мешавад, ки танҳо аз ҳисоби чор маъракаи асосии бақайдгирифташуда дар ин муддат шаҳрвандони ҷумҳурӣ беш аз **4 миллиард сомонӣ** сарфа кардаанд.

Агар сарфаи иловагиро аз ҳисоби 19 маъракаи манъ ва 8 маъракаи маҳдудгардида ба инобат гирем, он гоҳ сарфаи умумӣ **беш аз 8 миллиард сомонӣ** хоҳад буд.

Қабули қонун ба кам гардидани забҳи чорво мусоидат намуд. Аз таҳлилҳои комиссияҳои доимӣ бармеояд, ки дар баргузории 688 ҳазор маъракаи бақайдгирифташуда, дар муддати амали қонун **68 ҳазору 224 сар чорвои калон ва 343 ҳазор чорвои хурд** забҳ шудааст. Агар ин миқдорро ба давраи то қабули қонун, ки дар ҳар маърака ками андар кам як чорвои калон забҳ мешуд, қиёс намоем, он гоҳ **беш аз 619 ҳазор сар** чорвои калон камтар забҳ гардида, **276 ҳазор маъракаи мардумӣ бе забҳи чорво баргузор шудааст. Яъне, ҷамъ 895 ҳазор сар чорвои хурду калон ба фоидаи шаҳрвандон сарфа шудааст**.

Ҳамзамон ёдовар шудан бамаврид аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар баробари ҳадафҳои иқтисодӣ барои баланд бардоштани маданият ва фарҳанги баргузор намудани маъракаҳои мардумӣ ва риояи талаботи қонунгузории кишвар низ мусоидат карда, дар ҳалли мушкилии иҷтимоии ҳазорҳо ҷавон нақши мусбат гузошта истодааст.

Боиси зикри хос аст, ки барпо намудани оила вазифаи муқаддас буда, ҳифзи он кори пуршарафи ҷомеа ва сохторҳои ҷамъиятию давлатӣ ба шумор меравад. Аз оилаи устувор ва пур аз меҳру муҳаббати инсонӣ фарзандони соҳибмаърифат ба воя мерасанд. Ва баръакс, фарзанде, ки дар фазои мунозиқаи оилавӣ, берун аз назорати волидайн мемонад, ба замми азияти ҷисмонию моддӣ зиёни рӯҳию маънавӣ низ мебинад. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи озод ва адолатпарвар ғамхорӣ дар ҳаққи фарзанд аз вазифаҳои муҳими иҷтимоии давлат аст.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар бештари мавридҳо омили асосии бекор шудани ақди никоҳи ҷавонон камтаҷрибагӣ дар ҳалли мушкилиҳои ҷузъии зиндагӣ мебошад. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки барои пешгирии вайроншавиии оилаҳои ҷавон қонунгузории оила бо роҳи такмил бахшидани таъсиррасонии ҳуқуқӣ такмил дода шавад.

Набояд фаромӯш кард, ки миллӣ будани қонун танҳо ба махсусияти урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, ки ҳамчун объекти марказии танзими он баромад мекунанд, ифода намегардад. Ин ҷо боз зарурат ва аломатҳои дигари он, ба мисли воқеияти танзими ҳуқуқии падидаи мавҷуда, муҳимияти масъала аз назари ояндаи давлатдории миллат ва вобастагии танзими ҳуқуқии масъала ба дигар муаммоҳои қонунгузорӣ нақши муҳим дорад. Ин буд, ки қабули қонуни мазкур илова ба ҳадафҳои аслиаш ба ҳалли масъалаҳои мубрами зерин низ таъсири мусбат расонид:

1. Яке аз дастовардҳои нахустин ва назарраси қонуни миллӣ дар он ифода меёбад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бӯҳрони ҷаҳонии молиявии солҳои 2008 - 2009 тавонист манфиати мардуми кишварро ҳимоя намояд.

2. Қабули қонуни миллӣ ба вазъи молиявии шаҳрвандон таъсири мусбат расонида, ба нигоҳ доштани захираҳои пулии онҳо дар бонкҳо мусоидат намуд. Дар муддати 5 соли амали ин қонун захираҳои пулии мардум дар бонкҳо беш аз 20 баробар афзоиш ёфт ва дар ин замина анъанаи гирифтани қарз ба хотири баргузории тӯю маросимҳо аз байн рафт.

3. Сарфаю сариштакорӣ дар баргузории маъракаҳо ба шаҳрвандон имкон дод, ки ба беҳтар кардани шароити зист, манзилҳои истиқоматӣ ва тарбияи фарзандон диққати бештар диҳанд.

4. Амали қонун ба афзоиши баргузории маъракаҳо, аз ҷумла тӯйҳои хайриявӣ мусоидат намуда, ба эҳёи маъракаҳои дастаҷамъонаи аҷдодӣ барои камбизоатон замина гузошт.

Баъди қабули қонуни мазкур бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии мардуми бофарҳанги тоҷик амали хайр - яъне дастгирии оилаҳои камбизоат ва ятимону мӯҳтоҷон аз ҷониби шахсони саховатманд, соҳибкорони ватанӣ ба ҳукми анъана даромад. Бо ин мақсад аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар рӯзҳои таҷлили ҷашни Наврӯз ва дигар идҳои миллӣ тӯйҳои дастаҷамъонаи хатнасур ва домодию арӯсӣ барои оилаҳои камбизоат ташкил карда мешаванд.

Дар маҷмуъ, дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тӯли семоҳаи аввали соли 2012 дар арафаи ҷашни миллии Наврӯз хатнасури 7344 нафар тифл ва тӯйи домодию арӯсии 412 ҷуфт навхонадор аз оилаҳои камбизоат ва эҳтиёҷманд, ҳамагӣ 8168 нафар тариқи дастаҷамъона сурат гирифт. Танҳо дар се соли охир хатнатӯйи даҳҳо ҳазор писар ва тӯйи домодию арӯсии беш аз ду ҳазор ҷавонро аз оилаҳои камбизоат соҳибкорон ва мақомоти давлатӣ тариқи дастаҷамъӣ барпо карданд.

5. Қонун дар баланд бардоштани маданияти маъракаоройии мардуми кишвар нақши муассир бозида, ба шаҳрвандон имкон дод, ки бидуни шарм ва таънаи дигарон поси хотираи гузаштагонро бо маросимҳои танзимшудаи сӯгворӣ мутобиқ ба талаботи дини мубини ислом ва замона иҷро намоянд.

Дар фарҳанги муосири ҳар миллат нақши зан - модар дар ҳалли мушкилиҳои ҳаётӣ нотакрор ва бузург мебошад. Дар ин самт фарҳанги қадимаи миллати тоҷик низ намуна ва ибратомӯз аст. Донишманди бузурги форсу тоҷик Низомулмулки Тӯсӣ ба ин маънӣ таъкид кардааст: «Ҳама дастовардҳо ва ҳама нуқсҳои ин олам бастагӣ ба дасти зан аст».

Бо назардошти ин, занону модарон, ки дар ҷомеаи шаҳрвандии мо нақши хеле намоён доранд, дар мубориза бар зидди он зуҳуроти номатлубе, ки садди роҳи амалишавии қонуни мазкур мегардад, бояд пеш аз ҳама ширкати фаъолона варзанд. Шӯроҳои занон, созмонҳои гуногуни бонувон, ташкилотҳои кор бо занону оила дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд ҳиссагузор бошанд, вале, мутаассифона, дар ин самт баъзан бетарафии занҳо ба мушоҳида мерасад. Зани муосири тоҷик бояд аз гузаштагони худ ибрат гирифта, дар иффат, сарфаю сариштакорӣ ва созандагию эҷодкорӣ намунаи ҷомеа бошад. Аз ин рӯ, ин қишри бонуфузи ҷомеаи моро зарур аст, ки дар ин самт корҳои фаҳмондадиҳиро пурзӯр намуда, дар сафи пеши танзимгарони маъракаҳои мардумӣ бояд қарор гиранд.

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки шаҳрвандони зиёд дар муҳоҷират қарор доранд ва бо мушкилиҳои зиёд кору фаъолият мебаранд. Баъзе аз онҳо танҳо ба хотири оиладор ё хатнасур кардани фарзанд ба дигар кишвар сафар мекунанд ва пас аз баргаштан маблағҳои бо заҳмати гарон бадастомадаашонро барои ҷашни якрӯза сарф менамоянд. Ҳарчанд ин падидаҳо дар панҷ соли амали қонун то андозае кам гардида бошанд ҳам, то имрӯз эҳсосоту ғурури бебунёд дар тафаккури баъзеи онҳо ҷой доранд. Албатта, шахсони бофарҳанг ва дурандеш зарару оқибатҳои ин гуна амалҳои ношоистаро хуб дарк кардаанд ва маъракаю маросимҳои худро дар чаҳорчӯбаи талаботи қонун камхарҷ мегузаронанд.

Мо медонем, ки нуфузи ходимони дин дар ҷомеа зиёд аст ва мардум ба онҳо бо эҳтирому боварӣ муносибат менамоянд. Дар ин раванд Маркази исломӣ, ходимони дин, уламо ва дигар шахсони обрӯманд дар маҳалҳоро зарур аст, ки рисолати хешро дарёбанд ва бо истифода аз ояту ҳадисҳои муборак, ки дар боби амалҳои савоб, садақоту хайрот ва зиёни исрофкорӣ гуфта шудаанд, мардумро барои анҷом додани амалҳои хайр ва савоб дар чаҳорчӯбаи талаботи қонун талқин намоянд.

Мактаб ва кормандони соҳаи маориф низ дар раванди амалӣ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нақши хешро бояд гузоранд. Доир ба масоили тарбия дар роҳи сарфакорӣ бузургони илму адаб панду андарз ва андешаҳои зиёде доранд. Масалан, Унсурулмаолии Кайковус дар асараш «Қобуснома» зимни муроҷиат ба фарзандаш чунин меорад: «Исрофро душман дор ва шум дон. Сабаби фақириву нодорӣ исрофкорист. Дар хӯрдан ва гуфтан, дар ҳар шуғле, ки бошӣ, исроф набояд кард. Исроф танро бикоҳонад, нафсро бираҳонад ва ақлро заиф гардонад. Исроф зиндаро бимиронад».



Вақти он расидааст, ки дар муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва олии касбӣ омӯзиши сарфаю сариштакориро тавассути корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, соатҳои тарбиявӣ ва факултативӣ ба роҳ монанд. Бо назардошти он ки ҷавонони имрӯза дар вазъияти пуртазод ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир камол меёбанд, моро зарур аст, ки онҳоро дар рӯҳияи арҷгузорӣ ва ҳифзи анъанаву арзишҳои волои миллӣ тарбия намоем.

Мутаассифона, теъдоди нафароне, ки имрӯз дидаю дониста талаботи қонунро вайрон мекунанд, кам нестанд. Ҳатто худи кормандони бахши дин ва танзим дар баъзе шаҳру ноҳияҳо дар назорат ва таъмини иҷрои қонуни мазкур саҳлангорӣ намуда, ба вайрон намудани талаботи он мусоидат мекунанд, ки ин боиси нигаронист.

Аз аввали амали қонун то 1 апрели соли 2012 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 906 ҳолати қонуншиканӣ сабт гардида, аз ин ҳисоб 2,5 миллион сомонӣ ҷарима ситонида шудааст. Бояд таъкид кард, ки мақсади қонун ҷарима бастан ё ҷазо додан нест, балки ҳимояи манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон, баланд бардоштани маданияти баргузории маъракаҳо ва дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳимоя аз арзишҳои миллист.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки барои пешгирии қонуншиканӣ тамоми чораҳоро андешида, нисбат ба вайронкунандагони он дар доираи талаботи қонун чора андешем. На танҳо сохторҳои давлатӣ, балки ҳар фарди ҷомеа, қишрҳои гуногуни он ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд барои рафъи мушкилӣ паҳлуи ҳам бошем. Ҳамагон бояд дарк намоем, ки яке аз воситаҳои асосии ноил шудан ба шароити арзанда ва муназзами зиндагӣ маҳз амалӣ шудани ҳамин қонуни миллист.

Пайваста дар амал будани меъёрҳои қонуни миллӣ бошад, таъсири мутақобила ба воқеият ва раванди қонунгузорӣ дошта, ҳамчун василаи танзимкунанда ва танзимшаванда дар доираи манфиати дутарафа якдигарро такмил медиҳанд. Яке аз сифатҳои муҳими ин қонуни миллӣ вобаста ба манфиатҳои миллӣ тағйирпазир будани он аст. Таҷрибаи панҷ соли амали қонуни мазкур собит менамояд, ки зарурати такмили баъзе талаботи он вобаста ба манфиатҳои шаҳрвандон ба миён омадааст. Дар ин асно ва дар асоси хоҳишу дархостҳои сершумори аҳолии кишвар ба қонуни мазкур солҳои 2008-2010 ду маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, вале ҳоло низ дар ин самт чораҳои заруриро андешидан аз манфиат холӣ нест.

То имрӯз аз ҷониби комиссияҳои доимӣ, ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ бештар аз 100 пешниҳод барои такмили бандҳои ҷудогонаи қонуни мазкур ирсол гаштааст. Дар онҳо таваҷҷуҳи шаҳрвандон бештар ба вақти баргузории маъракаҳо нигаронида шудааст. Хоса мардуми деҳот хоҳиш доранд, ки дар рӯзи истироҳат аз соати 7-и пагоҳӣ маъракаҳо иҷозат дода шаванд, чунки даъватшудагон аввал ба хонаи соҳиби маърака рафта, сипас аз пайи кори хеш мешаванд.

Вақтҳои охир дар ҳамбастагии маросими хурсандӣ баргузор намудани маъракаҳои иловагии бузкашӣ ва гӯштигирӣ низ анъана шудааст. Аз ин хотир, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дархост намудааст, ки дар моддаи 10 дар баргузории тӯйи домодию арӯсӣ манъ будани маъракаҳои мазкур зикр карда шавад. Воқеан, дар қонун дар маъракаи хатнсур манъ будани маъракаи бузкашӣ дарҷ гардидааст, аммо дар тӯйи домодию арӯсӣ дар моддаи 10 доир ба ин масъала чизе гуфта нашудааст.

Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои духтарон ва занон, ки ҳангоми вайрон шудани оилаҳои ҷавон, бинобар надоштани қайди никоҳи давлатӣ, аксар вақт бидуни ҳимоя ва дастгирӣ мемонанд, пешниҳод шудааст, ки қабл аз баргузории тӯйи домодию арӯсӣ тарафҳо ҳатман аз қайди никоҳи давлатӣ гузаранд. Фикр мекунам, мо бояд ба хотири ҳифзи зан - модар аз ҳама имконоти ҳуқуқӣ истифода барем. Ҳарчанд талаботи мазкур дар дигар моддаҳои қонунгузорӣ мавҷуд аст, вале дар ин қонун низ пешбинӣ шуданаш метавонад воситаи иловагии таъмин ва кафолати ҳуқуқҳои конститутсионии бонувон гардад.

Албатта, қонун барои ҳамаи мову шумост ва ҳар кадоми мо ҳаққи баёни назар ва такмили онро дорем, вале тибқи таҷрибаи қонунгузорӣ ҳамон пешниҳоде қабул мешавад, ки аз ҷониби аксарият дастгирӣ ёбад ва аз назари мутахассисон ҷавобгӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ бошад.

Бовар дорам, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар як фурсати кӯтоҳи таърихӣ дар ҳаёти иқтисодии шаҳрвандон ва ҳимояи манфиатҳои онҳо натиҷаҳои мусбат ба бор овард, минбаъд низ дар таъмини зиндагии шоистаи мардум нақши муассир хоҳад дошт.

# Ҷонибдории қонунҳо ба рушди бахшҳои ҷомеа заминаи мусоид мегузоранд



(Идома аз саҳ. 1)

Моддаи 102 Кодекси гумрук дар таҳрири нав ифода гардида, ба ҳамин Кодекс моддаи $161^1$, ки масъулият барои риоя накардани шарту талаботи низоми гумрукиро муқаррар намудааст, илова карда шудааст.

Моддаҳои $355^1$ ва $355^2$ ба Кодекси мазкур илова шудааст, ки хароҷоти созишномаҳои молиявӣ ва арзиши ҳомили таъминоти барномавиро дар соҳаи гумрук ба танзим медароранд.

Дар Кодекси гумрук моддаҳои 266, 267 қисми 2, 268 қисми 1, 269 қисми 1, 271 қисми 1, 272, 340 қисми 4, 382 қисми 2, 402, 417 ва 463 дар таҳрири нав ифода шудаанд.

Илова бар ин, ба моддаи 399 Кодекси мазкур қисмҳои 7 ва 8 бо мазмуни зайл илова шудааст:

«7. Истифода нашудани шаклҳои алоҳидаи назорати гумрукӣ ё озод будан аз онҳо маънои озод намудани шахсонро аз ӯҳдадории риояи муқаррароти ҳамин Кодекс ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ надорад.

8. Тибқи зарурат мақомоти гумрук метавонанд ҳамаи шаклҳои назорати гумрукиро, ба истисноҳои ҳолатҳои дар моддаи 430 ҳамин Кодекс пешбинигардида, истифода намоянд.».

Инчунин моддаи $441^1$ ба Кодекси мазкур илова шудааст, ки меъёрҳои ҳуқуқиро вобаста ба ваколатҳои иловагии мақомоти гумрук оид ба назорати гумрукии молҳои моликияти зеҳнӣ муайян намудааст.

Бо мақсади муайянкунӣ ва мутобиқкунии меъёрҳои Кодекси гумрук ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор моддаҳои он, ки зиёда аз 40 номгӯйро дар бар мегирад, тағйиру иловаҳои дахлдор ворид шудаанд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 қабул гардида, аз 34 бобу 405 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқгардонии Кодекси мазкур ба Созишнома оид ба ҷиҳатҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ ва кафолатҳои озодии сухан иборат мебошад.

Бо мақсади зикршуда аз Кодекси мазкур моддаҳои 135 ва 136, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тӯҳмат ва таҳқир пешбинӣ намудаанд, хориҷ шудааст, яъне мувофиқи ин меъёр, минбаъд барои тӯҳмат ва таҳқир шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Ҳамчунин моддаҳои 156 ва 275 барои таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ дар таҳрири нав ифода шуда, ба Кодекс моддаи $156^1$ бо мазмуни зайл илова шудааст:

**«Моддаи $156^1$. Вайрон кардани ҳуқуқҳо ба ихтироот, намунаҳои саноатӣ ва моделҳои муфид**

1) Истифодаи ғайриқонунии ихтироот, намунаҳои саноатӣ ё моделҳои муфид, бидуни розигии муаллиф ё арзномадеҳ фош намудани моҳияти ихтироот, намунаи саноатӣ ё модели муфид то интишори расмии маълумот дар бораи онҳо, азхудкунии муаллифӣ ё ба ҳаммуаллифӣ маҷбур кардан, агар ин кирдорҳо ба миқдори калон зарар расонида бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешаванд.

2) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда, агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.».

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 қабул гардида, аз бобҳои 57-63 ва моддаҳои 1125-1234 иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва дигар масъалаҳои ба он вобаста иборат мебошад.

Вобаста ба ин, қисми 2 моддаи 1133 хориҷ карда, қисмҳои 3, 4 ва 5 мутаносибан қисмҳои 2, 3 ва 4 ҳисобида шудааст, яъне дар меъёри хориҷшуда, маҳдуд ё бо қонун манъи додани ҳуқуқи амволӣ тибқи шартнома нисбат ба баъзе намудҳои объектҳои моликияти зеҳнӣ пешбинӣ шуда буд, ки ин халалдории ҳуқуқи муаллиф бо ҳамин меъёр хориҷ гардид.

Моддаи 1137 бобати тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар таҳрири нав ифода шуда, ба Кодекси мазкур моддаи $1137^1$ бо мазмуни зайл илова шудааст:

**«Моддаи $1137^1$. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ**

1. Дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф ҳифзи онҳо бо тарзҳои эътирофи ҳуқуқ, барқарор намудани вазъе, ки то вайронкунии ҳуқуқ ҷой дошт, пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайронкунии он таҳдид менамоянд, ҷуброни зарари маънавӣ ва нашри қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда амалӣ карда мешавад.

2. Ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории муаллиф мувофиқи қоидаҳои моддаи 174 Кодекси мазкур амалӣ карда мешаванд.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар шахсон низ метавонанд тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро татбиқ намоянд.

4. Ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф бо тарзҳои зерин ҳифз карда мешаванд:

- эътирофи ҳуқуқ;
- пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайрон кардани он таҳдид менамоянд;
- рӯёнидани товони зарар;
- мусодираи маводу таҷҳизоте, ки бо истифодаи онҳо вайронкунӣ содир гардидааст ва объектҳои моддие, ки дар натиҷаи ҳамин вайронкунӣ ба даст омадаанд;
- интишори қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда;
- тарзҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

5. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибҳуқуқ метавонад ба ҷои рӯёнидани товони зарар пардохти ҷуброни пулиро барои ҳуқуқи вайроншудаи мазкур талаб намояд. Андозаи ҷубронпулӣ аз ҷониби суд вобаста ба хусусияти вайронкунӣ ва дигар ҳолатҳо муайян карда мешавад.

6. Дар ҳолатҳое, ки истеҳсол, паҳн кардан ё истифодаи дигар, инчунин ворид намудан, интиқол ё фиристодан, ё нигоҳ доштани ҳомили моддӣ, ки дар он натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ таҷассум ёфтааст, боиси вайрон гардидани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мегарданд, чунин ҳомили моддӣ қалбакӣ дониста, бо қарори суд аз муомилот гирифта, бидуни ҷуброн нест карда мешаванд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

7. Таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки асосан барои вайрон кардани ҳуқуқҳои истисноӣ истифода ё таъин шудаанд, бо қарори суд аз муомилот гирифта, аз ҳисоби вайронкунанда нест карда мешаванд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани онҳо ба фоидаи давлат пешбинӣ нашуда бошад.

8. Бо мақсади таъмини далелҳо аз рӯи парвандаҳо оид ба вайронкунии ҳуқуқҳои истисноӣ ба ҳомили моддӣ, таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки тавассути онҳо эҳтимолияти вайронкунии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ пешниҳод шудааст, мумкин аст чораҳои таъминкунии муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба ҳабс гирифтани ин объектҳо, татбиқ карда шаванд.».

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» соли 2004 қабул гардида, аз 8 бобу 38 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳавасманд гардонидани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои хизмати намунавӣ, бенуқсон, пурмаҳсул ва давомнок бо медалҳои идоравӣ иборат мебошад.

Бо ин мақсад бо қонуни мазкур модаи $20^1$ бо мазмуни зайл илова шудааст:

**«Моддаи $20^1$. Ҳавасмандгардонии кормандони милитсия ва шахсони дигар**

Барои комёбиҳо ва ҷасорату фидокорӣ, нишон додани корнамоиҳо дар мубориза бо ҷинояткорӣ кормандони милитсия тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида мешаванд.

Кормандони милитсия ва хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ, ҳамчунин барои хизмати намунавӣ, бенуқсон, пурмаҳсул ва давомнок бо медали идоравии «Барои хизмати шоён» дараҷаҳои 1, 2, 3, барои собиқаи хизматии зиёда аз 25 сол бо медали идоравии «Собиқадори мақомоти корҳои дохилӣ», барои нишондодҳои баланди хизматӣ ва касбӣ бо нишони сарисинагии «Корманди фахрии ВКД» сарфароз гардонида мешаванд. Тавсифи медалҳои идоравӣ ва нишони сарисинагӣ, тартиби бо онҳо мукофотонидан ва ҳавасмандгардониро вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

Кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон низ барои ҳамкорӣ бо милитсия ҳангоми амалӣ намудани муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва муборизаи зидди ҷинояткорӣ метавонанд бо медалҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шаванд.

Ба ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи санҷиш ва баҳодиҳӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ, аз рӯи сатҳи дониш, малака, таҷрибаи корӣ ва тайёрии касбӣ дараҷаҳои ихтисоси касбӣ дода мешаванд, ки тартиби додан ва ҳавасмандгардониро вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.».

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 қабул гардида, аз 62 бобу 508 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо иборат мебошад.

Вобаста ба мақсади зикргардида, ба моддаи 9 қисми 5 бо мазмуни зерин илова шудааст:

«5. Маълумоти махфӣ оид ба амалиёти воридотию содиротии мушаххаси фаъолияти иқтисодии хориҷӣ танҳо ба суд ва мақомоти тафтишоти пешакӣ вобаста ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад.».

Ба қисми 1 моддаи 10 бандҳои 35), 36), 37) ва 38) бо мазмуни зерин илова карда шудаанд:

«35) молҳои қалбакӣ - молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии бо вайрон намудани ҳуқуқҳои соҳибҳуқуқ тайёргардида ва (ё) аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшавандае, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз мешаванд;

36) соҳибҳуқуқ – шахсе, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноӣ ба объекти моликияти зеҳнӣ мебошад;

37) боздошти иҷозат – дар сурати ҷой доштани шубҳа оид ба қалбакӣ будани молҳо аз ҷониби мақомоти гумрук тамдид гардидани мӯҳлати қабули қарор дар бораи иҷозати онҳо, ки мутобиқи низоми интихобгардидаи гумрукӣ интиқол дода мешаванд;

38) феҳристи гумрукии объектҳои моликияти зеҳнӣ – номгӯйи молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда.».

Илова бар ин, матни моддаи 359 қисми 1 ҳисобида шуда, ба ҳамин модда қисми 2 илова карда шудааст, ки мувофиқи он мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд аз шахсони хориҷӣ бе розигии онҳо пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои тасдиқи арзиши гумрукӣ тибқи усули муайян намудани арзиши гумрукӣ дар асоси ҷамъи арзиш талаб намоянд. Маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки истеҳсолкунанда пешниҳод намудааст ё аз номи вай пешниҳод шудаанд, мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд аз тарафи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода шаванд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намуд:

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 қабул гардида, аз 51 бобу 853 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, баррасии саривақтии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қонунвайронкуниҳо аз тарафи пиёдагардон, инчунин амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» иборат мебошад.

Бинобар ин, ба кодекси мазкур моддаҳои нави $474^2$, $474^3$ ва $474^4$ илова карда шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои риоя накардани тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ ва робитаҳои байналмилалии иттиҳодияҳои динӣ танзим шудаанд, ки мувофиқи ин иловаҳо минбаъд барои риоя накардани тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, ба роҳ мондани фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, инчунин дар манзили истиқоматии шаҳрвандон ва барои аз тарафи ҷамоаҳои динӣ муқаррар намудани робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла робитаҳои байналмилалии динӣ бо ташкилотҳои хориҷӣ, ҷаримаҳои муайяни маъмурӣ пешбинӣ шудаанд.

Қисми 2 моддаи 720 дар таҳрири нав ифода карда шуда, дар он субъектони баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи мақомоти стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо муайян карда шудаанд.

Ҳамчунин ба кодекси мазкур моддаи $728^1$ бо мазмуни зайл илова шудааст:

**«Моддаи $728^1$. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин**

1. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин дар доираи салоҳияти худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои 474 қисми 1, $474^2$, $474^3$ ва $474^4$ Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамоянд.

2. Барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин инҳо ҳуқуқ доранд:

- раиси Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 474 қисми 1, $474^2$, $474^3$, $474^4$ Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд;
- сардорони шӯъбаҳо оид ба корҳои дин дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва мудирони бахшҳо оид ба корҳои дин дар шаҳру ноҳияҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 474 қисми 1, $474^2$, $474^3$ Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд.».

Дигар тағйиру иловаҳо, ки ба Кодекси мазкур ворид шудааст, хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳрирӣ дошта, барои аз байн бурдани мухолифати меъёрҳои он пешбинӣ шудаанд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» соли 2006 қабул шуда, аз 6 бобу 20 модда иборат буда, принсипҳо, тарз ва услубҳои асосии ташаккул, идоракунӣ ва ба танзимдарории захираи моддии давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисори такрорёбии вазифа ва функсияҳо, инчунин тақсими салоҳият, функсия ва вазифаҳо байни мақомоти давлатӣ дар идоракунии захираи давлатӣ иборат мебошад.

Вобаста ба мақсади зикршуда, сархати дувоздаҳуми моддаи 1 дар таҳрири зайл ифода шудааст:

«**- мақоми ваколатдори давлатӣ** - мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи захираи давлатӣ ваколатдор карда шудааст;».

Ба моддаи 8 сархатҳои ҳафтум, ҳаштум ва нӯҳум илова шудааст, ки мувофиқи ин иловаҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар бораи навкунӣ ва ивазкунии сарватҳои моддии захираи давлатӣ қарор қабул мекунад, тартиби ҷуброни хароҷоти нигоҳдорандагони масъули сарватҳои захираи давлатиро, ки нигоҳдории захираи моддии давлатӣ, аз ҷумла захираи сафарбариро амалӣ менамоянд, муайян мекунад ва ҳамоҳангсозӣ, назорат ва мониторинги системаи захираи давлатиро амалӣ менамояд.

Ҳамчунин моддаи 9 дар таҳрири нав ифода ва дар он ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ пешбинӣ шудаанд.

Илова бар ин, моддаи $9^1$ хориҷ гардида, дар дигар моддаҳои қонуни мазкур як қатор тағйиру иловаҳо ворид шудааст, ки онҳо характери муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб намекунад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои зикргардида, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» барои ҷонибдорӣ ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» пешниҳод карда мешавад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия, мӯҳтарам Тағоев Саймурод дода мешавад. Марҳамат.

(Идома дар саҳ. 4)

# Ҷонибдории қонунҳо ба рушди бахшҳои ҷомеа заминаи мусоид мегузоранд

(Идома аз саҳ. 1, 3)

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шабдолов, М.Каримов, М.Нозимов ва И.Талбаков пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилиро дар соҳаи ангишт муқаррар намуда, муносибатҳои байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар ин соҳа танзим менамояд.

Қонун аз 5 боб ва 23 модда иборат буда, дар боби 1-уми он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ангишт ва доираи амали қонуни мазкур нишон дода шудааст.

Дар боби 2 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, танзим ва дастгирии давлатии молиявии таҷдид, намудҳои дастгирии давлатии молиявии ташкилотҳои соҳаи ангишт, танзими давлатии сифат ва истифодаи самарабахши захираҳои ангишт, танзими давлатии меъёрҳо ва қоидаҳои таъмини бехатарии корҳои соҳаи ангишт ва талабот оид ба истихроҷ, коркард ва истифодаи ангишт пурра дарҷ гардидааст.

Таъмини бехатарии корҳо, хизматрасонии садамавию наҷотдиҳии ташкилотҳои истихроҷкунанда ва коркарди ангишт дар боби 3 нишон дода шудааст.

Боби 4 иҷозат додани кормандон ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари соҳаи ангишт, давомнокии вақти корӣ, ҳифзи саломатӣ, музди меҳнат, дастгирии иловагии иҷтимоии кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт ва дигар категорияи шахсон, инчунин манбаъҳои маблағгузории чораҳои дастгирии иҷтимоии кормандони соҳаро дар бар мегирад.

Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талабот ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро боби 5 ба танзим медарорад.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мутобиқ мебошад, Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» шурӯъ менамоем ва аз Саймурод Тағоев хоҳиш менамоем, ки ахбори худро пешниҳод намоянд. Марҳамат.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳоеро, ки ба таъмини амнияти нақлиётӣ ва фаъолияти устувори маҷмӯи нақлиёт вобастаанд, танзим менамояд.

Қонун аз 3 боб ва 15 модда иборат буда, дар боби 1-уми он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амнияти нақлиётӣ, мақсад, вазифаҳо ва принсипҳои таъмини амнияти нақлиётӣ пурра дарҷ гардидааст.

Боби 2 таъмини амнияти нақлиётӣ, арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз амалҳои дахолати ғайриқонунӣ, гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт, сатҳи амнияти нақлиётӣ, талабот оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ, банақшагирӣ ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини амнияти нақлиётии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиётиро дар бар мегирад.

Инчунин боби мазкур маҳдудиятҳо ҳангоми ба кор қабул кардан, таъминоти иттилоотӣ дар ин соҳа, ҳуқуқу вазифаҳои субъектҳои инфрасохтори нақлиёт ва интиқолдиҳандагони воситаҳои нақлиёт дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётиро ба танзим медарорад.

Боби 3 ҷавобгарӣ барои риоя накардан ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пас аз интишори расмӣ муқаррар менамояд.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» мебошад. Марҳамат, Саймурод Тағоев.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Раҷабов ва А.Расулов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии қабули қонуни мазкур аз мукаммал сохтани қонуни амалкунанда ва мутобиқ намудани он бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» иборат мебошад.

Бо ин мақсад ба моддаҳои 35 ва 50 қонуни амалкунанда тағйирот ворид шудааст.

Аз ҷумла дар қисми 1 моддаи 35 дар сархати якум калимаҳои «ё таъини» ба калимаҳои «ва фаъолияти», дар сархати сеюм калимаи «Ҳукумат» ба калимаҳои «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар сархати чорум калимаҳои «Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеъӣ» ва «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеъӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеъӣ» ва «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеъӣ» иваз карда шудаанд.

Инчунин бо мақсади мутобиқгардонӣ дар қисми 3 моддаи 50 калимаҳои «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеъӣ» ба калимаҳои «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеъӣ» иваз карда шудааст.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад, Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Саймурод Тағоев.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 майи соли 2012 қабул намудааст.



Мақсад аз қабули қонуни мазкур такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод намудани хизматрасонии аэронавигатсионӣ, инчунин мутобиқ намудани талаботи бандҳои 2 ва 3 қисми 2 моддаи 212 Кодекси мазкур иборат мебошад.

Бо мақсади зикргардида аз бандҳои 2) ва 3) қисми 2 моддаи 212 калимаҳои «хизматрасонии аэронавигатсионӣ ва» хориҷ карда шуда, ҳамчунин дар банди 3) пас аз калимаи «тиҷоратӣ», калимаи «аэронавигатсионӣ,» илова гардидааст, ки мувофиқи ин тағйирот, минбаъд хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

Тибқи моддаи 2 мавриди амал қарор додани қонуни мазкур аз 1 майи соли 2012 ва барои парвозҳои транзитӣ бошад, аз 1 январи соли 2011 муайян гардидааст.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» мебошад. Марҳамат, Саймурод Тағоев.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкориро дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд ва (ё) техникаю технологияи навро барои васеъ кардани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд, муайян ва тартиби татбиқи мораторияро муқаррар, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро ҳифз менамояд.

Қонун аз 11 модда иборат буда, дар моддаҳои 1, 2 ва 3-юми он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ нишон дода шудааст.

Дар моддаҳои 4, 5 ва 6 ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, истисноҳо аз татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба таври пурра дарҷ гардидааст.

Азназаргузаронии профилактикӣ дар давраи амали татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, боздоштани амали муқарраароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалли баҳсҳо ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонунро моддаҳои 7, 8, 9 ва 10 ба танзим медароранд.

Моддаи 11 тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пас аз интишори расмӣ ва сархати понздаҳуми қисми 1 моддаи 8-ро, ки мораторияи амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»-ро дар назар дорад, аз 1 январи соли 2013 муқаррар менамояд.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Саймурод Тағоев.

**Саймурод ТАҒОЕВ:- Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмил ва мутобиқ намудани қонуни амалкунанда бо талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва барои баробарҳуқуқ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони байналмилалӣ қабул гардидааст.

Қонун аз ду модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба моддаи 6-уми қонуни амалкунанда қисми нави панҷум илова карда шудааст, ки мутобиқи он пас аз анҷоми мӯҳлати амали патент, ба дорандаи патент тибқи дархосташ ва супоридани пардохти ҳатмии дахлдор, мӯҳлати шашмоҳаи иловагии амали патент дода мешавад.

Ҳамчунин дар қисми якуми моддаи 29 калимаҳои «банди чоруми» ба калимаҳои «сархати сеюми» иваз карда шудааст.

Мувофиқи тағйироти мазкур, амали патент, ки ҳангоми дар муддати муқарраршуда напардохтани боҷ барои нигаҳдории эътибори патент қатъ гардидааст, аз рӯйи дархости дорандаи патент, дар давоми ҳаждаҳ моҳ аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати пардохти боҷ, барои нигаҳдории эътибори патент дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрнок ва пешниҳоди ҳуҷҷат дар бораи пардохта шудани боҷи барқароркунии амали патент, барқарор карда шуданаш мумкин аст.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» мебошад. Марҳамат, Саймурод Тағоев.

**Саймурод ТАҒОЕВ: -Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани қонуни амалкунанда бо талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва бо мақсади баробарҳуқуқ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони байналмилалӣ қабул гардидааст.

Бо мақсади мутобиқгардонии Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» ба талаботи Созишнома доир ба ҷанбаҳои ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ (ТРИПС), сархатҳои дуюм, шашум ва ҳафтуми моддаи 1-уми қонуни амалкунанда, ки мафҳумҳои асосии дар қонуни мазкур истифодашударо шарҳ медиҳад, дар таҳрири нав ифода шудаанд.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» шурӯъ менамоем.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мукаммалу мутобиқ гардонидани қонуни амалкунанда бо талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва барои баробарҳуқуқ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони байналмилалӣ қабул гардидааст.

Қонун аз ду модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйирот ворид шудааст.

Аз ҷумла аз моддаи 1-уми қонуни амалкунанда сархати шашуми қисми якум хориҷ шудааст. Мувофиқи сархати хориҷгардида дорандаи ҳуқуқ ба тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ танҳо шахсоне буда метавонистанд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Ин ҳолат ҳамчун муносибати нобаробар нисбат ба дигар шахсон арзёбӣ гардида, ба талаботи Созишнома оид ба ҷиҳатҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) мухолифат мекард.

Илова бар ин, барои бартараф намудани ин мухолифат ва бо мақсади мутобиқгардонӣ ба моддаҳои 4, 11, 30, 31, 33 ва 34 қонуни амалкунанда тағйирот ворид шудааст.

Моддаи 2 мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пас аз интишори расмӣ муқаррар менамояд.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» мебошад. Марҳамат, Саймурод Тағоев.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани қонуни амалкунанда бо талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дар ин замина ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қабул гардидааст.

Қонун аз 2 модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба моддаҳои 3, 4, 5, 6, 7, 9, 10, 11, 13 ва 14 қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид шудааст. Аз ҷумла аз қонуни амалкунанда сархатҳои якум, сеюм ва ҳафтуми қисми якуми моддаи 3, сархатҳои дуюм ва чоруми қисми якуми моддаи 4, ҷумлаи якуми қисми чоруми моддаи 9, моддаи 11, сархатҳои сеюм ва нӯҳуми қисми якуми моддаи 14 хориҷ шудаанд.

Мувофиқи ин тағйирот, минбаъд масъалаҳои танзими нарх, фурӯш, муқаррар намудани саҳмияи (квотаи) ҳаҷми спирти этилӣ ва машруботу тартиби он, маблағи аксизи машруботи воридотӣ, пешниҳод намудани декларатсия аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ танзими давлатӣ карда намешавад.

Ғайр аз ин, бо мақсади мутобиқгардонӣ дар сархати панҷуми қисми якуми моддаи 3, сархати панҷуми қисми якуми моддаи 4, сархати панҷуми қисми якуми моддаи 6, қисми сеюми моддаи 7, инчунин дар моддаи 10 калимаҳои «шартҳои техникӣ» ва калимаи «стандартҳо» бо калимаҳои «регламентҳои техникӣ» иваз шудаанд.

Илова бар ин, қисми сеюми моддаи 13 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки тибқи он мақомоти назорати давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва вазифадор карда мешавад, минбаъд аз болои ҳаҷми истеҳсол, харид ва воридоту содироти спирти этилӣ ва машрубот назорати давлатӣ намебарад.

Тибқи моддаи 2 мавриди амал қарор додани қонуни мазкур пас аз ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо муқаррар шудааст.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Саймурод Тағоев.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 июни соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти савдои хориҷӣ, принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳоро дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ танзим намуда, барои фароҳам овардани шароити мусоид ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва ҳамгироии самараноки он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ равона гардидааст.

Қонун аз 8 боб ва 57 модда иборат буда, дар боби 1-уми он доираи амали қонуни мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои ваколатдори давлатӣ нишон дода шудааст.

Дар боби 2 ҳуқуқи воридот ва содироти мол, маҳдудиятҳои миқдорие, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд, пурра дарҷ гардидааст.

Иҷозатдиҳӣ, меъёрҳо барои иҷозатдиҳӣ ба воридот, содирот ва транзит, ваколат барои иҷозатдиҳӣ, асосҳо барои бекор кардани иҷозат дар боби 3 нишон дода шудааст.

Бобҳои 4 ва 5-ум меъёрҳо оид ба сертификатсия, талаботи байторӣ, санитарӣ, фитосанитарӣ ва экологӣ, регламентҳои техникӣ, савдои хориҷии хизматрасониҳоро дар бар мегирад.

Ҳамзамон боби 6 меъёрҳои татбиқи боҷҳои зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ, ҷамъоварӣ ва баргардонидани боҷҳо, озодкунӣ (либерализатсия), истифодаи чораҳо барои ҳифзи тавозуни пардохтро муқаррар менамояд.

Дар боби 7-ум минтақаи савдои озод ва савдои наздисарҳадӣ нишон дода шуда, ҳалли баҳсҳо, ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур, аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1999 «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ» ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро боби 8 ба танзим медарорад.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология мӯҳтарам Гулмаҳмадов Давлатшоҳ Қурбоналиевич дода мешавад. Марҳамат.



**Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мукаммал гардонидани қонуни амалкунанда ва мутобиқ намудани он ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қабул гардидааст.

Қонун аз 2 модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба қонуни амалкунанда як қатор тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Аз ҷумла ба қисми якуми моддаи 11 сархати нави чорум илова шудааст, ки тибқи он масъалаи таъмини махфияти маводи ба экспертизаи экологӣ пешниҳодшаванда низ яке аз принсипҳои асосии экспертизаи натиҷаи санҷишҳои қайдшавандаи пеститсидҳо ва агрокимиёҳо ба шумор меравад.

Инчунин ба қонуни мазкур моддаи нави $24^{1}$ илова шудааст, ки он ба ҳифзи махфияти иттилооти дорои маълумот оид ба пеститсидҳо ва агрокимиёҳо равона гардидааст.

Моддаи 2 тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пас аз интишори расмӣ муқаррар менамояд.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» мебошад. Марҳамат, Давлатшоҳ Қурбоналиевич.

**Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мукаммал ва мутобиқгардонӣ, инчунин тақвият бахшидан ба раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қабул гардидааст.

Қонун аз 2 модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» як қатор тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Аз ҷумла ба моддаи 1-уми қонуни амалкунанда, ки мафҳумҳои асосии дар қонуни мазкур истифодашавандаро дар бар мегирад, сархати нави дувоздаҳум илова шудааст, ки он аз табъиз (дискриминатсия) – яъне муқаррар намудани ҳуқуқи пасттар барои ягон давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии он нисбат ба давлати дигар, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии он иборат мебошад.

(Идома дар саҳ. 5)

# Ҷонибдории қонунҳо ба рушди бахшҳои ҷомеа заминаи мусоид мегузоранд

(Идома аз саҳ. 1, 3, 4)

Ғайр аз ин, дар сархати якуми моддаи 4 пеш аз калимаи «пешбурди» калимаҳои «тасдиқ ва» илова шудааст, ки тибқи он минбаъд ба ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва пешбурди феҳристҳои давлатӣ ва аккредитатсияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҳайвонот, маҳсулоти он, хӯрок ва иловаҳои хӯроки ҳайвонотро ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид месозанд, дохил мешавад.

Илова бар ин, дар сархати шашуми моддаи 4 –уми қонуни амалкунанда калимаҳои «маҳсулоти моҳигӣ ва тухм» ба калимаҳои «маҳсулоти моҳигӣ, тухм ва маҳсулоти занбӯри асал» иваз гардидааст, ки мутобиқи ин тағйирот, ба ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи талаботи беҳдошти байтории шароити нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти занбӯри асал низ дохил мегардад.

Ҳамзамон дар қисми 3 моддаи 16 баъд аз калимаҳои «ҳудуди маъмурии дахлдор» калимаҳои «бо назардошти вазъи эпизоотии маҳал» илова шудааст, ки мувофиқи ин тағйирот, минбаъд мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мувофиқа бо сарнозирони давлатии байтории ҳудуди маъмурии дахлдор, хатсайрҳои интиқоли ҳайвоноти хоҷагиро (роҳҳои чорвогузар), бо назардошти вазъи эпизоотии маҳал, муайян менамоянд.

Ҳамчунин дар қисми 2 моддаи 17 тағйирот ворид шудааст, ки мувофиқи ин тағйирот, минбаъд ба фурӯши объектҳо ва борҳои тахти назорати давлатии байторӣ қарордошта, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, интихобан ҳангоми шубҳа пайдо кардан ба сифати он, баъди аз ташхиси байторӣ ё беҳдошти байторӣ гузаштан ва гирифтани сертификати дахлдор аз мақомоти ваколатдори давлатии байтории шаҳр ё ноҳияе, ки дар он ҷо бори мазкур ба фурӯш меравад, иҷозат дода мешавад.

Тибқи тағйироте, ки ба қисми 3 моддаи 26 ворид шудааст, минбаъд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – роҳбарон ё шахсони масъули нуқтаҳои хӯроки умумӣ, барои таъмини талаботи беҳдошти байтории шароити нигоҳдорӣ ва коркарди гӯшту маҳсулоти гӯштӣ, ширу маҳсулоти ширӣ, моҳию маҳсулоти моҳигӣ, тухм ва маҳсулоти занбӯри асал ҷавобгар мебошанд.

Инчунин ба қисми 3 моддаи 28 тағйирот ворид гардидааст, ки тибқи он минбаъд ба фурӯши ҳайвонот, маҳсулоти ҳайвонот, хӯрок ва иловаҳои хӯроки ҳайвонот, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, интихобан ҳангоми шубҳа пайдо кардан ба сифати он танҳо баъди ташхиси байторӣ ва беҳдошти байторӣ гузаштан ва гирифтани сертификати дахлдор иҷозат дода мешавад.

Ҳамзамон дар қисми 2 моддаи 35 баъд аз калимаҳои «нишондодҳои эпизоотӣ» калимаҳои «ва бемориҳои дар рӯйхати Бюрои Байналмилалии Эпизоотӣ дохилбуда» илова гардидааст, ки тибқи он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд ҳангоми татбиқи чорабиниҳо оид ба ташхис ва сироятнопазир кардан, талаботи нозирони байториро дар бораи гузаронидани эмкунии ҳатмӣ ба мақсади пешгирии бемориҳои ҳайвонот аз рӯйи нишондодҳои эпизоотӣ ва бемориҳои дар рӯйхати Бюрои мазкурбуда иҷро намоянд.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» мебошад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа мӯҳтарам Қурбонов Убайдулло Абдуллоевич дода мешавад. Марҳамат.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 апрели соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои ташкили баҳисобгирии инфиродии маълумот оид ба шахсони дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурташударо муқаррар менамояд.

Қонуни пешниҳодгардида аз 4 боб ва 17 модда таркиб ёфтааст.

Боби 1 аз чор модда иборат буда, дар он мафҳумҳои асосии истифодашаванда, аз қабили баҳисобгирии инфиродӣ, шахси суғурташуда, суғурткунанда, муассисаи суғурта, саҳми суғурта, ҳисобҳои актуарӣ, бойгонии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродӣ, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродӣ, суратҳисоби инфиродӣ ва рақами мушаххаси суғуртавӣ, инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ, мақсадҳои баҳисобгирии инфиродӣ ва принсипҳои ташкили баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ пурра шарҳ дода шудаанд.



Боби 2 аз ҳафт модда иборат буда, мақоми ваколатдори давлатии баҳисобгирии инфиродӣ, суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда, шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, қоидаҳои умумии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ, қоидаҳои умумии қабул, баҳисобгирӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ, қоидаҳои баҳисобгирии инфиродии низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ва қоидаҳои умумии ташкили бойгонии ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиро ба танзим медарорад.

Боби 3 аз се модда иборат буда, дар он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, яъне ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахси суғурташуда, суғурткунанда ва муассисаи суғурта пешбинӣ гардидаанд.

Боби 4 аз се модда иборат буда, ҷавобгарии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани қонуни мазкур, ҳалли баҳсҳо оид ба масъалаҳои баҳисобгирии инфиродӣ ва тартиби мавриди амал қарор гирифтани қонуни зикргардидаро пешбинӣ менамояд.

Қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумита қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем қонун ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон Низом Қосим ва Мироҷиддин Ҳакимов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолияти осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин соҳа танзим ва ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ҷиҳати баҳрабардорӣ аз ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин ва ҳифз менамояд.

Қонун аз 8 боб ва 32 модда таркиб ёфтааст.

Боби 1 аз се модда иборат буда, дар моддаи 1 мафҳумҳои асосӣ аз қабили осорхона, сарвати таърихию фарҳангӣ, ашёи осорхонавӣ, коллексияи осорхонавӣ, фонди осорхона, Феҳрасти давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияи харидорӣ, харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ, экспертизаи илмии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ, нигоҳдорӣ, табъу нашри ашёи осорхонавӣ ва коллексияи фаъолияти осорхонаҳо, ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур ва тартиби аз эътибор соқит донистани қонуни амалкунанда ва мавриди амал қарор гирифтани қонуни пешниҳодгардида бахшида шудааст.

Қабули қонуни мазкур дар таъмини ҳифзу гиромидошти арзишҳои моддӣ ва фарҳангӣ, баланд бардоштани ҳисси масъулияти мақоми ваколатдори давлатӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ, ки ба муассисаҳои осорхонавӣ робита доранд, замина мегузорад.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумита қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад. Аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем барои ҷонибдории қонуни пешниҳодшуда розигии худро диҳед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» мебошад. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Марҳабо Ҷабборова, Махфират Хидирова ва Нурулло Оқилов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз 22 апрели соли 2003 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он аз солҳои 2007 ва 2009 амал менамояд.

Мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунанда ин пеш аз ҳама истифодаи дурусти мафҳумҳои соҳавӣ ва аз байн бурдани номувофиқатии меъёрҳои қонуни амалкунанда ва мутобиқ гардонидани муқаррароти он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

Дар қонуни мазкур ба моддаҳои 1, 3, 5, 6, 7, 9, 10, 11, 12, 13, 15, 17, 18, 19, 21, 24, 25, 26 ва 27 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Тағйироти воридгардидаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 1, сархатҳои сеюм, чорум ва панҷуми қисми 2 моддаи 3, қисми 2 моддаи 5, сархатҳои якум, сеюм ва чоруми қисми 2 ва қисми 3 моддаи 12, ном ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 13, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 15, қисмҳои 1 ва 8 моддаи 17, сархати якуми моддаи 19, ном ва қисми 1 моддаи 21, номи боби 5, қисми 2 ва сархатҳои дуюм, сеюм, чорум ва шашуми қисми 3 ва қисми 5 моддаи 26 ва қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 27 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, номувофиқатии меъёрҳои дар қонун ҷойдоштаро аз байн мебарад, ба монанди калимаҳои «ҷараёни таълим» ба калимаҳои «раванди таълим», калимаи «системаи» ба калимаи «низоми», калимаҳои «Омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ» ба калимаҳои «Литсейҳои касбӣ», калимаҳои «маркази таълимии шуғли аҳолӣ» ба калимаҳои «марказҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ», калимаҳои «омӯзишгоҳҳои махсуси касбӣ» ба калимаҳои «литсейҳои махсуси касбӣ», калимаҳои «мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», калимаи «таъсисдиҳӣ» ба калимаи «таъсис», калимаи «коллегиалӣ» ба калимаи «дастаҷамъӣ», калимаҳои «муассисаҳои таълимӣ» ба калимаҳои «муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии давлатӣ» ва калимаи «волидайни» ба калимаҳои «падару модари» иваз карда шудаанд.

Бо мақсади мукаммал намудани моддаи 1 қонуни амалкунанда ба он се сархати нав, аз қабили мафҳумҳои «хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «кормандони муҳандисию педагогӣ» ва «тахассус» илова шудааст.

Инчунин тибқи тағйироти пешниҳодгардида моддаҳои $5^1$, 6, 7, 11, қисми 6 моддаи 17, қисми 4 моддаи 18 ва моддаҳои 24, $24^1$, 27 дар таҳрири нав ифода гардидаанд, ки дар он забони таҳсил, низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ, сохтори низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълим ва бозомӯзии касбии шаҳрвандони бешуғл ва калонсол, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва хизматрасонии пулакии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ пурра шарҳ дода шудаанд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи қонунэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Кумита қонуни пешниҳодгардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад. Аз аъзои Маҷлиси миллӣ эҳтиромона хоҳиш менамоем барои ҷонибдории қонуни мазкур розигӣ диҳанд.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» аз 28 феврали соли 2004 амал менамояд.

Қонуни мазкур муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии бо онҳо алоқамандро, ки бинобар офаридан, ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабарии ихтироот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, ба танзим медарорад.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур тақвият бахшидан ба раванди воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва мутобиқгардонии моддаҳои қонуни амалкунанда ба талаботи моддаҳои 30, 31 ва $31^1$ Созишнома оид ба ҷиҳатҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ мебошад.

Дар қонуни мазкур ба моддаҳои 1, 26, 27, 28, 30 ва 34 қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Тағйироти воридгардидаи қисми якуми моддаи 28, сархати сеюми моддаи 30 ва қисми якуми моддаи 34 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, номувофиқатии меъёрҳои дар қонун ҷойдоштаро аз байн мебарад, ба монанди калимаи «дархост» ба калимаҳои «аризаи даъвогӣ», калимаҳои «додани ҷубронпулии андозааш мувофиқ ба дорандаи патент» ба калимаҳои «шарти дар навбати аввал қонеъ намудани талаботи бозори дохилӣ, пардохти ҷуброни андозааш мувофиқ ва фавран огоҳ намудани дорандаи патент» иваз карда шудаанд.

Инчунин тибқи тағйироти пешниҳодгардида, қисми нӯҳуми моддаҳои 26, 27 ва қисми дуюми моддаи 30 дар таҳрири нав ифода гардидаанд, ки дар он ҳуқуқи истисноии истифодаи ихтироъ ва ҳифзи манфиатҳои дорандаи патент муайян карда шудаанд.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Кумитаи мо нисбати қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 1993 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он аз солҳои 1996, 1997, 1998, 1999, 2002, 2005, 2007, 2008, 2009, 2011 ва 2012 амал менамояд.

Мақсади ворид намудани тағйирот ба қонуни пешниҳодгардида ин аз байн бурдани мухолифати байни меъёрҳои қонуни амалкунанда ва вобастагии зиёдшавии андозаи ҳадди ақали нафақа аз ҳадди ақали музди меҳнат мебошад.

Мутобиқи тағйироти пешниҳодгардида ҷумлаи якуми қисми сеюми моддаи 16 қонуни амалкунанда, ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат муқаррар карда мешавад, хориҷ карда шудааст, ки чунин ҳолат номувофиқатии ҷумлаи якуми қисми сеюм ва қисми ҳаштуми моддаи 16-уми қонуни амалкунандаро аз байн мебарад.

Ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯйи синну сол аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Кумита қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад. Аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем барои ҷонибдории қонуни пешниҳодшуда розигӣ диҳед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» мебошад. Марҳамат Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 июни соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» аз 6 августи соли 2001 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он аз солҳои 2003, 2007 ва 2008 амал менамояд.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни пешниҳодгардида тақвият бахшидан ба раванди воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни мазкур ба Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ вобаста ба махфӣ нигоҳ доштани маълумоти зарурӣ ҳангоми бақайдгирии маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ мебошад.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муомилоти маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фармасевтӣ муайян намуда, тартиби коркард, тайёр намудан, озмоиши пеш аз дармонгоҳӣ ва дармонгоҳӣ (клиникӣ), назорати сифат, судмандӣ, бехатарӣ ва савдои маводи доруворӣ ва дигар муносибатҳоеро, ки дар ин соҳа ба миён меоянд, танзим менамояд.

Дар қонуни мазкур ба моддаҳои 3, 8, 10, 12, 14, 16, 20, 24 ва 30 тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Тағйироти воридгардидаи қисми 2 моддаи 10, қисми 4 моддаи 14, қисми 3 моддаи 20, қисми 2 моддаи 24 ва қисми 1 моддаи 30 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, номувофиқатии меъёрҳои дар қонун ҷойдоштаро аз байн мебарад, ба монанди калимаҳои «муассисаҳои фармасевтие» ба калимаҳои «шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие», калимаҳои «дар дорухонаҳо» ба калимаҳои «аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии барои фаъолияти фармасевтӣ иҷозатномадошта», калимаи «ҳисобҳои» ба калимаи «манбаъҳои» ва калимаи «ҳуқуқие» ба калимаҳои «ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие» иваз шудаанд.

Инчунин тибқи тағйироти пешниҳодгардида, сархатҳои сию якум, сию дуюм, сию сеюм ва сию чорум моддаи 3, қисмҳои 2, 3, 4 моддаи 8, қисми 2 моддаи 12, қисми 1 моддаи 16, қисмҳои 4, 5, 6 ва 7 моддаи 20 ва қисми 3 моддаи 30 дар таҳрири нав ифода гардидаанд, ки дар он намудҳои ҷавҳари (субстансияи) фармасевтӣ, муомилоти доруворӣ, номи тиҷоратии доруворӣ, шаҳодатномаи бақайдгирии доруворӣ ва молҳои тиббӣ, назорати давлатии доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ, бақайдгирӣ ва манъи бақайдгирии давлатии доруворӣ ва талаботи тахассусии шахсони воқеии дорои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ оид ба фаъолияти фармасевтӣ пурра шарҳ дода шудаанд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, Кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, қонун ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» мебошад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ мӯҳтарам Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович дода мешавад. Марҳамат.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» дар ҷаласаи худ баррасӣ намуд. Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акрамшо Фелалиев ва Амирхон Сафаров пешниҳод шудааст.

Мақсад аз пешниҳоди қонуни мазкур бартараф намудани номувофиқатии баъзе моддаҳои қонуни амалкунанда мебошад. Дар муддати даҳ соли охир суръати тези ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидани воситаҳои гуногуни иттилоот, бахусус технологияи иртиботиву иттилоотии муосир ба ҳаёти ҷомеа ба мушоҳида мерасад. Ин тақозо менамояд, ки қонуни амалкунанда ба фазои иттилоотии муосир мувофиқат намояд. Ҳамзамон зарурат пеш омадааст, ки қонуни мазкур бо дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» мутобиқ гардонида шавад.

Қонуни пешниҳодгардида аз 2 модда ва 30 қисм иборат буда, тибқи он дар маҷмӯъ ба 26 моддаи қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Пешгуфтор, моддаҳои 3, 12 ва номи боби 4 дар таҳрири нав ифода гардидаанд. Моддаи 37 қонуни амалкунанда, ки «Норавоии сӯиистифодаи ҳуқуқ ба иттилоот» ном дошт, аз сабаби солҳои охир васеъ паҳн шудани чунин падидаҳои номатлуб, ба монанди терроризм ва экстремизм, ҳамзамон зарурати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмин намудани амнияти худи иттилоот дар таҳрири зайл ифода карда шудааст:

«Моддаи 37. Роҳ надодан ба сӯиистифода аз ҳуқуқ ба иттилоот.



Истифодаи иттилоот ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ба муқобили амнияти иттилоотӣ, барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, хусумати иҷтимоӣ, таҷовуз ба шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таблиғи фаҳшу фуҷур (порнография) манъ аст».

Илова бар ин, матни Қонуни амалкунанда аз ҷиҳати мантиқӣ ва услубу имло, тибқи талаботи забони давлатӣ мавриди таҳрир қарор дода шуда, ба он як зумра тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, ки хусусияти дақиққунанда ва характери муайянкунанда доранд.

Қабули қонуни мазкур бевосита ба такмили сиёсати давлатии иттилоот дар ҷомеа мусоидат хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, Кумита бо назардошти нишондодҳои зикргардида, ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Иброҳим Ғоибназарович.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи криптография» дар ҷаласаи худ баррасӣ намуд. Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 июни соли 2012 қабул кардааст.

Мақсад аз таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ташкил ва истифодаи воситаҳои криптографӣ ҳангоми мубодила ва нигоҳдории иттилоот тавассути шабакаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаю телекоммуникатсионӣ ва воситаҳои барномавӣ-техникӣ дар арсаи стандартҳои байналмилалӣ буда, инчунин мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба талабот барои ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба ҳисоб меравад.

Қонуни мазкур дар асоси қонунҳои амалкунандаи давлатҳои дигар ва бо назардошти бандҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» таҳия шуда, 10 моддаро дар бар мегирад.

(Идома дар саҳ. 6)



(Идома аз саҳ. 1, 3, 4, 5)

# Ҷонибдории қонунҳо ба рушди бахшҳои ҷомеа заминаи мусоид мегузоранд

Қонуни номбурда масъалаҳоро вобаста ба мафҳумҳои асосӣ, ба монанди «воситаҳои криптографӣ», «ҳуҷҷатҳои калидӣ», «воситаҳои калидӣ ва рамзӣ», фаъолияти криптографӣ вобаста ба иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи криптография, сертификатсиякунонии воситаҳои криптографӣ, воситаҳои асосии криптографӣ, ҷавобгарӣ барои вайрон кардан ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пешбинӣ мекунад.

Қонуни мазкур дар самти таҳкими амнияти давлатӣ ва суботи ҷомеа, инчунин мубориза алайҳи ҷинояткорӣ бо истифода аз василаҳои пешрафтаи технологӣ аҳамияти хос дорад. Ҳамзамон ин қонун қонунгузории моро ба меъёрҳои байналмилалӣ бештар наздик менамояд. Масалан, хеле зарур аст, ки моддаи 2 доираи амали қонунро нисбати кортҳои хусусии бонкӣ, радиотелефонҳои портативӣ ва мобилӣ, дастгоҳҳои қабулкунанда ва фиристандаи радиоӣ ва телевизионӣ, инчунин дастгоҳҳои банкоматӣ маҳдуд менамояд. Ин ҳама барои ҳифзи сирри бонкӣ, тиҷоратӣ ва дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон равона гардида, аз талаботи усулии санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории кишвар бармеояд.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои зикргардида, ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мӯъминободи вилояти Хатлон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Иброҳим Ғоибназарович.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мӯъминобод дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод. Тибқи пешниҳодоти мазкур, таклиф ба миён гузошта шудааст, ки дар маҷмӯъ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ номи як шаҳрак, 15 деҳа ва дар ноҳияи Мӯъминобод номи як шаҳрак, як деҳот ва 10 деҳа тағйир дода шавад. Рӯйхати пурраи маҳалҳои аҳолинишине, ки номашон тағйир дода шудааст, ба шумо дастрас гардидааст.

Зарурати тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо бевосита ба гиромидошти таърих у фарҳанги кишвар ва истиқлолияти давлатӣ вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ва пос доштани хотираи неки шахсиятҳои барҷаста ва мӯътабари диёр, тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо мебошад.

Пешниҳодоти мазкур дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, Маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳракҳои Куйбишев, Ленинград, ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Мӯъминобод ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита лозим мешуморад, ки пешниҳодоти мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мӯъминободи вилояти Хатлон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйири сарҳади ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» пешниҳод мешавад. Марҳамат, Иброҳим Ғоибназарович.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи тағйири марзи маъмурии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» мавриди баррасӣ қарор дод.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлонро дар бораи ба ҳудуди марзи маъмурии ноҳияи Данғара гузаронидани як қисми заминҳоро аз марзи маъмурии шаҳри Сарбанд, ноҳияҳои Ёвон ва Абдураҳмони Ҷомӣ маъқул доништа, бо Қарори таҳти №160 аз 3 апрели соли 2012 раисони вилояти Хатлон, шаҳри Сарбанд, ноҳияҳои Ёвон ва Абдураҳмони Ҷомӣ, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор кардааст, ки бо тартиби муқарраргардида, ба мувозинаи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон додани қитъаҳои заминро дар масоҳати 2231,50 гектар, аз ҷумла аз заминҳои шаҳри Сарбанд 877,51 гектар, ноҳияи Ёвон 481,20 гектар ва аз заминҳои ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 872,79 гектар таъмин намоянд.

Ҳудудҳои шаҳри Сарбанд, ноҳияҳои Ёвон ва Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба мувозинаи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дода мешаванд, бо заминҳои ноҳияи Данғара ҳамсарҳад буда, дар тағйир додани сарҳади онҳо монеа вуҷуд надорад.

Бояд зикр намуд, ки васеъ намудани ҳудуди марзи маъмурии ноҳияи Данғара амри зарурӣ буда, мақсади асосӣ ривоҷу равнақи соҳаи боғу токпарварӣ мебошад.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби соҳторҳои дахлдори вилояти Хатлон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита лозим мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйири сарҳади ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъсис додани деҳаи Ваҳдати деҳоти Водхуди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Иброҳим Ғоибназарович.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба ташкил намудани деҳаи Ваҳдат дар ноҳияи Ванҷ» мавриди баррасӣ қарор дода, зикр менамояд, ки зарурати ташкили деҳаи нав бо номи Ваҳдат аз он иборат аст, ки 2 январи соли 2010 дар ноҳияи Ванҷ заминларзаи шадиде ба амал омада, боиси харобии зиёд гардид.

Аз ин лиҳоз, бо қарори раиси ноҳияи Ванҷ таҳти №5 аз 5 январи соли 2010-ум 30 гектар замин дар мавзеи Сурхсангов аз ҳисоби заминҳои корами хоҷагии деҳқонии Истиқлолияти деҳоти Водхуд ва 5 гектар аз ҳисоби заминҳои хоҷагии деҳқонии Гулистони деҳоти Язгулом, ҷамъ 35 гектар замин барои зарардидагони заминларза ҷудо шуда, деҳаи нав бунёд гардида истодааст.

Дар ин деҳа 160 хона, як мағоза, як мактаб ва як маркази саломатӣ сохта ба истифода дода мешавад.

Дар деҳаи нав аз ҳамаи деҳаҳои ноҳияи Ванҷ хонаводаҳои зарардида ба ҳам меоянд ва аз ин лиҳоз, номгузорӣ намудани деҳа ба номи Ваҳдат мувофиқи мақсад мебошад.

Пешниҳод доир ба ташкили деҳаи нав дар маҷлисҳои умумии сокинони деҳаҳои деҳоти Водхуд баррасӣ гардида, ба деҳаи нав Ваҳдат ном гузоштан аз ҷониби сокинон ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Ташкил намудани бахисоб ва бақайдгирии деҳаи Ваҳдат мувофиқи мақсад буда, зарурати воқеӣ дорад.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита лозим мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъсис додани деҳаи Ваҳдати деҳоти Водхуди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» мебошад. Марҳамат, Иброҳим Ғоибназарович.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ванҷ» дар ҷаласаи худ баррасӣ кард. Тибқи пешниҳоди мазкур, таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номи деҳаи Жовид ба деҳаи Ҷовидони деҳоти Жовид ва номи деҳоти Жовид ба деҳоти Ҷовидони ноҳияи Ванҷ тағйир дода шаванд.

Зарурати тағйир додани номи деҳа ва деҳот бевосита ба гиромидошти таърих у фарҳанги кишвар, тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ вобастагӣ дошта, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳа ва деҳот мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки пешниҳод доир ба тағйир додани номи деҳа ва деҳоти зикргардида аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми боздид аз ноҳияи Ванҷ 23 июли соли 2010 пешкаш шуда, он дар маҷлисҳои умумии сокинони деҳа ва деҳот, Маҷлиси ҷамоати деҳоти Жовид, Маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияи Ванҷ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои зикргардида, ба пешниҳоди мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – «Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ғоибназаров А.» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ – намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷумъа Маҳмадалиевич дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №23.5/1-7 дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ғоибназаров Амирхоҷа бо сабаби ба кори дигар гузаштан манзур карда мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ғоибназаров Амирхоҷа бо сабаби ба кори дигар гузаштан ирсол менамоям».

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ғоибназаров А.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ашӯров А.А.» мебошад. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.



**Ҷумъа ДАВЛАТОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №23.5/1-8 дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ашӯров Абдулҳафиз Абдуевич бо сабаби ба кори дигар гузаштан манзур мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ашӯров Абдулҳафиз Абдуевич бо сабаби ба кори дигар гузаштан ирсол менамоям».

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ашӯров А. А. ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС**: - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Юсупов А.И.» мебошад. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ**: **- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №23.5/1-9 дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Юсупов Анварҷон Иброгимович бо сабаби ба кори дигар гузаштан манзур карда мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Юсупов Анварҷон Иброгимович бо сабаби ба кори дигар гузаштан ирсол менамоям».

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Юсупов А. И.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – «Дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мансуров Н.М.» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №23.5/1-



10 дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мансуров Наим Муллоевич манзур мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мансуров Наим Муллоевич ирсол менамоям.



Мансуров Наим Муллоевич соли 1954 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва 24 сол собиқаи кории касбӣ дорад. Аз соли 1988 дар низоми судӣ фаъолият дошта, дар вазифаҳои судя, раиси суди ноҳия, котиби Шӯро-муовини аввали раиси Шӯрои адлия, раиси суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини якуми раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз моҳи марти соли 2009 то имрӯз раиси суди вилояти Суғд мебошад.

Номзадии Мансуров Н.М. ба талаботи моддаи 85 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқат мекунад».

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мансуров Н. М.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

Иҷозат фармоед Наим Муллоевичро, бинобар раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданашон, табрик намуда, барори кор орзу намоям.

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – «Дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров А.С.» мебошад. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №23.5/1-



11 дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров Абдуҷаббор Сафаралиевич манзур карда мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров Абдуҷаббор Сафаралиевич ирсол менамоям.

Қодиров Абдуҷаббор Сафаралиевич соли 1957 дар ноҳияи Восеъ таваллуд ёфтааст. Таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва 29 сол собиқаи кории касбӣ дорад. Аз соли 1989 дар низоми судӣ фаъолият дошта, дар вазифаҳои судяи суди ноҳияи Ҳисор ва судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз моҳи августи соли 2010 то имрӯз муовини якуми вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Номзадии Қодиров А.С. ба талаботи моддаи 85 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқат мекунад».

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров А. С.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

Иҷозат фармоед, Абдуҷаббор Сафаралиевичро, бинобар муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданашон табрик намуда, барори кор орзу намоям.

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Илолов Мамадшо» шурӯъ менамоем.

Оид ба ин масъала чӣ гуна таклиф доред? Бо иҷозати шумо лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Илолов Мамадшо»-ро ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният» мебошад.

Мутобиқи моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номзадии узви Маҷлиси миллӣ Худоёров Бахтиёр Таваровичро барои интихоб ба вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният пешниҳод менамоям.

Доир ба номзади пешниҳодгардида чӣ гуна таклиф доред? Оид ба масъалаи мазкур ба баррасии шумо лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад:

Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният»

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**



Худоёров Бахтиёр Таварович раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният интихоб карда шавад.

Оид ба лоиҳаи қарори пешниҳодгардида чӣ гуна таклиф доред?

Бо иҷозати шумо лоиҳаи қарори мазкурро ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

Иҷозат фармоед, Бахтиёр Таваровичро, бинобар раиси Кумита интихоб шуданашон табрик намуда, барори кор орзу намоям.

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Абдуллоев И.Ғ.» шурӯъ менамоем.

Оид ба ин масъала чӣ гуна таклиф доред? Бо иҷозати шумо лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович»-ро ба овоз мемонам.

Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ» мебошад.

Мутобиқи моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номзадии узви Маҷлиси миллӣ Илолов Мамадшоро барои интихоб ба вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ пешниҳод менамоям.

Доир ба номзади пешниҳодгардида чӣ гуна таклиф доред? Оид ба масъалаи мазкур ба баррасии шумо лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад:

Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Илолов Мамадшо раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ интихоб карда шавад.

Оид ба лоиҳаи қарори пешниҳодгардида чӣ гуна таклиф доред?

Бо иҷозати шумо лоиҳаи қарори мазкурро ба овоз мемонам.

Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

Иҷозат фармоед Мамадшо Илоловро, бинобар раиси Кумита интихоб шуданашон табрик намуда, барори кор орзу намоям.

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаи охирини рӯзнома – «Доир ба пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани ризоият барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ба ҳабс гирифтани судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуров Нур Эрмонович» шурӯъ менамоем.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин масъала ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Раиси котибот чӣ гуфтанӣ доред?

**РАИСИ КОТИБОТ: Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳозирини гиромӣ!**

Ба котиботи Иҷлосияи нӯҳуми маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум аз номи як гурӯҳ мизоҷони ширкати «Мовароуннаҳр» аризаи шикоятӣ ворид шудааст. Аризадиҳандагон норозигии хешро вобаста ба раванди тафтишоти пешакии парвандаи ҷиноятии раиси ширкати фавқуззикр иброз намудаанд.

Бо дастури Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи мазкур барои баррасӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегардад.

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баррасӣ шуданд. Доир ба тартиби бурдани иҷлосия, баррасӣ намудани масъалаҳо таклифу эродҳо ҳастанд? Ба раисони кумитаҳо, аъзои Маҷлиси миллӣ барои иштироки фаъолонаатон дар кори иҷлосия ташаккур мегӯем!

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Дар Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 42 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 7 қонуни мукаммал ва 35 қонун дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, ҷонибдорӣ шуд.

Ҷонибдорӣ ёфтани қонунҳо ба рушди ҷомеа ва ташаккули бахшҳои он заминаи воқеӣ фароҳам оварда, пояҳои давлатдории навини моро боз ҳам таҳким мебахшанд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, фарорасии Рӯзи Ваҳдати миллиро бо самимитарин орзуҳо ба шумо ва пайвандонатон табрик намуда, ба ҳамаатон тандурустии бардавом ва саодату сарбаландӣ таманно дорам.

Бо ҳамин Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Абдулмаҷид МУРОДОВ, Аъзам МӮСОЕВ, Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум». Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

●Муҳофизони саломатӣ

# «УМЕДИ ШИФО»

Дар дунё ҳазорон навъи беморӣ мавҷуд аст, аммо саломатӣ яктост. Беморе, ки гирифтори яке аз ин дардҳост, даво меҷӯяд. Умеде, ки баҳри шифо ёфтан дар дилаш шӯъла мезанад, ӯро ба ҳузури шифокор меорад. Ин шӯълаи умед рӯзе ба ихлос табдил меёбад, зеро ихлос халос асту аз ҳама дард нигаҳбон.

... Дар пештоқи даромадгоҳ чунин навиштаҷот ба чашм мерасад: «Умеди шифо». Дар саҳни бино, рӯйи курсиҳо беморон нишастаанд. Лабонашон моили табассум, сӯҳбаташон тафсон.

Ҳавлӣ озода, атроф гулзор. Ҳавои тоза баҳри дилро мекушояд...

Аз дарвоза марди қоматбаланди пешонавасеъ, ки тақрибан панҷоҳ сол дорад, вориди ҳавлӣ шуд. Ҳама нишастагон ба ҳурмати ин мард, ки сардухтури беморхона Маҳмадалӣ Назаров аст, аз ҷой бархоста, салом гуфтанд. Маҳмадалӣ Назаров бо посух ба саломашон аз ҳар кадоми онҳо аҳвол пурсида, вориди утоқи кориаш шуд.

Ҳанӯз тағйири либос накарда буд, ки касе дарашро кӯфт.

-Ҳозир, - садо баровард духтур. Дарро кушода рӯ ба рӯяш мӯйсафед Абдураҳим валади Абдурашидро дид. Мавсуф сокини вилояти Кундузи Афғонистон буда, ин ҷо табобат мегирифт.

- Писарам, хуб медонед, маро дар ҳолати хеле вазнин ин ҷо оварда буданд. Дастони шифобахши шумо маро дармон бахшид. Ҳоло хеле хуб ҳастам. Акнун иҷозат диҳед, ба ватанам баргардам. Илоҳо, дастатон дардро набинад! Орзуву ҳаваси фарзандонатонро бубинед.

- Бобоҷон, боз ду рӯзи дигар сабр кунед, то ин ки муолиҷа поён ёбад. Он гоҳ мисли ҷавони бистсола сиҳату саломат мешавед.

***

... Баъди хатми мактаби миёна бахт ба рӯйи Маҳмадалӣ нахандид: соҳиби номи донишҷӯй шуда натавонист. Дарк намуд, ки ба мақсад расидан машаққату сабру таҳаммулро тақозо дорад.

Ҳаётро хуб омӯхт. Деҳқониро пеша кард. Қарзи ҷавонмардӣ-хизмати аскариро ҳам бошарафона адо намуд.

Баъди чор сол бахти ҷавонмард омад кард. Соли 1982 Маҳмадалӣ ба факултети муолиҷавии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуда, соли 1988 ин даргоҳро бомуваффақият хатм намуд. Дар Беморхонаи марказии шаҳри Турсунзода ба сифати духтури шикастабанд, шикастабанд-ортопед ба фаъолият шурӯъ кард...

Дар оғози асри XXI теъдоди ниёзмандон ба ҷарроҳии асаб хеле афзуд. Пештар ин гуна беморон аз ҷониби ҷарроҳон, терапевтҳо ва невропатологҳо муолиҷа мегирифтанд, вале ин натиҷаи дилхоҳ намедод, фавти беморон зиёд шуд.

Чораи беҳдошти муолиҷаи ин гуна беморонро ҷустанд. Соли 2002 дар назди Беморхонаи марказии шаҳри Турсунзода шӯъбаи нейроҷарроҳӣ бо 15 кат таъсис ёфту мудирии шӯъбаро ба зиммаи Маҳмадалӣ Назаров вогузоштанд. Шароити хуби муолиҷаро муҳайё карда, теъдоди катҳои хобро ба 30 адад расонид. Эътибор ба сифати муолиҷа низ беҳтар гардид.

Табиби ҷавон мехост фаъолияти шӯъба беҳтару намунавӣ бошад. Бо ин мақсад бо устоди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, профессор Алидӯст Чобулов робитаро мустаҳкам намуд, маслиҳатҳои ӯро амалӣ сохт. Дар натиҷа, ҳодисаи фавти беморони мубталои ин беморӣ аз шаст ба чил фоиз кам шуд.



***

Бо соҳибистиқлолии Тоҷикистон соҳаи нав - тибби хусусӣ рушд кард.

Маҳмадалӣ Назаров бе дудилагӣ яке аз биноҳои бекормондаи гӯшаи шаҳрро хусусӣ намуда, хушсифат таъмир кард. Дар муддати кӯтоҳ заминаи хуби моддӣ-техникӣ муҳайё сохта, маскани табобатии «Умеди шифо»-ро таъсис дод. На ҳамчун шифокор, балки ба сифати шаҳрванди оддӣ, дар роҳи тиб заҳмат кашиданро вазифаи инсонии хеш донист.

Нейроҷарроҳи тахассуси олӣ Маҳмадалӣ Қодирович Назаров ба корҳои судбахшу хайр иқдом намуд, ки яке аз онҳо бо усули ҷарроҳӣ дар майна задани хунро муолиҷа кардан аст. Ин навъи ҷарроҳӣ басо душвору заҳматталаб мебошад. Пештар шаст фоизи одамони ба ин беморӣ дучоршуда ба ҳалокат мерасиданд, сӣ фоизашон як умр маъюб мемонданд.

Нейроҷарроҳи ботаҷриба сӣ нафар беморонро бо ҳамин усул ҷарроҳӣ намуда, шифо бахшид. Сӣ фоизи муолиҷагирифтагон ба дараҷаи хуб табобат ёфтанд.

Айни ҳол яке аз усулҳои замонавии ҷарроҳии майна ҷарроҳии шунтӣ аст. Ҳангоми дар майнаи инсон ҷамъ шудани миқдори об тавассути шунт обро ба дил ва аз дил ба шикам мегузаронанд. Бо ин усул Маҳмадалӣ Назаров сензда҃ нафарро ҷарроҳӣ намуд ва ҳамаашро натиҷаи хуб дод.

Дар аввал ин навъи ҷарроҳиро дастгирӣ накарданд, аммо нейроҷарроҳ боисрор мегуфт: «Ин усули ҷарроҳӣ аз фоида орӣ нест». Ва исбот ҳам мекард.

Дар тиб бо чунин бемориҳое дучор шудан мумкин, ки онҳо рамзи ҳукм ба марганд ва яке аз ин гуна бемориҳои қаттол дар миён, паси майна ва дохили сутунмӯҳраи кӯдакон пайдо шудани ҷароҳат мебошад. Агар беморро сари вақт, яъне дар якмоҳагии тифл, ҷарроҳӣ накунанд, хавфи марги ӯ ба вуҷуд меояд. Маҳмадалӣ Қодирович бисту ҳафт нафар кӯдакро бо ин усули мураккаб ҷарроҳӣ намуд, ки қариб ҳамаи онҳо шифо ёфтанду имрӯз худро хуб ҳис мекунанд.

Боз як дарди дигаре, ки ба марг соя меандозад, ин омоси модарзоди мағзи сар аст. Омосе, ки дар паси майнаи сар пайдо мешавад, ба бемор таҳдиди марговар дорад ва бе ҷарроҳӣ имкони зистан намедиҳад.

Ҳамаи ҳафт чунин ҷарроҳие, ки Маҳмадалӣ Назаров анҷом дод, муваффақона буд.

Аз ҷой лағжидани қисме аз сутунмӯҳра, ҷафидани устухони мағздор дар аксар маврид ба бемории фалаҷ мерасонад. Маҳмадалӣ Назаров аз ӯҳдаи табобати ин бемории вазнин низ баромад. Бо ёрии пластинкаҳои металлӣ буғумҳоро ба тартиб оварда, рушди бемориро пешгирӣ намуд. Ҳангоми ҷароҳатҳои вазнин –шикастани устухони асосӣ, дар ҳолати ба танг омадани майна низ ӯ ин усулро истифода мебарад ва ба натиҷаҳои хуб ноил мешавад.

Ба пиндори Маҳмадалӣ Назаров, хуб аз худ накардани илми тиб ва воқиф набудан аз навовариҳои охирини илм хатои бузурги ходими соҳа маҳсуб меёбад. Ӯ ҳамеша дар омӯзиши илм аст ва иштирокчии анҷуманҳои байналмилалии соҳаи тиб мебошад. Дар Анҷумани байналмилалии травматолог-ортопедон, ки чанде пеш дар ҷумҳуриамон баргузор гардид, дар мавзӯи «Дар вақташ ҷарроҳӣ намудани чурраи мағз, миён ва майнаи кӯдакон» маърӯза намуд.

Моҳҳои май-июни соли 2011 дар Конгресси умумиҷаҳонии нейроҷарроҳон, ки дар пойтахти Қазоқистон доир гардид, иштирок намуда, бо таассуроти хуб баргашт.

Духтури тахассуси олӣ, Аълочии тандурустии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Назаров бо мақсади дар рушди тибби ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштан заҳмат мекашад. Беҳуда нест, ки соли 2011 ӯ барои хизматҳои шоёнаш сазовори медали байналмилалии «Ибни Сино» гардид.

***

... Дар шаҳри Турсунзода обрую манзалати «Умеди шифо» торафт баланд мегардад. На танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз он низ шахсони зиёде ҳастанд, ки нияти дар ин даргоҳ муолиҷа гирифтан доранд.

- Аз ҷарроҳие, ки дар Покистон шудам, заррае фоида надидам, - мегӯяд шаҳрванди Афғонистон Абдураҳим валади Абдурашид. – Аммо ҷарроҳии духтур Маҳмадалӣ Назаров ба ман фоида бахшид. Дасташ сабук будааст. Аз умраш барака ёбад.

... Орзуҳои наҷиби Маҳмадалӣ Назаров - як ҷаҳон. Меҳоҳад дар клиникааш таҷҳизоту технологияи муосирро баҳри муолиҷаи бемориҳо муҳайё намояд. Ин кори душвор, аммо нияташ холис аст. Бовар дорад, ки орзуяш амалӣ мегардад...

***Маҷиди МИРЗО,***
***«Садои мардум»,***
***Ҳофиз МИРЗО,***
***узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон***



# ХАДИЧА ҲАКИМОВА

**17 июни соли равон қалби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъватҳои сеюм ва чорум, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Ҳакимова Хадича Фатҳуллоевна аз тапидан бозмонд.**

**Хадича Ҳакимова соли 1963 ба дунё омада, баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар мақомоти гуногуни хоҷагиву давлатӣ ифои вазифа намуда, тайи бист соли охир фаъолияти меҳнатӣ, донишу таҷриба ва саъю талоши худро баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои волои қонун ва қонунгузорӣ сарф кардааст.**

**Марҳум ҳамчун инсони хоксор ва покдилу самимӣ дар байни ҳамкорон сазовори обрӯй ва иззату эҳтиром буд. Ҳамчун вакили мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар барои босифат таҳияву қабул гардидани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо камоли масъулият ва донишу таҷрибаи ғанӣ саъю талош мекард.**

**Ҳамчун узви Комиссияи доимии Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё оид ба масоили ҳуқуқӣ бо «Ифтихорнома»-и ин созмони байнипарламентӣ мукофотонида шуда буд.**

**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати марги бемаҳали Ҳакимова Хадича Фатҳуллоевна андӯҳгин буда, ба аҳли хонаводаи марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.**

**Ёди нек ва хотираи дурахшонаш дар дили дӯстон, ҳамкорон ва ҳамаи онҳое, ки ӯро медонистанд, ҳамеша пойдор хоҳад монд.**

● Роҳхат ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012

# ҲАМСИННУ ҲАМСОЛУ ҲАМПАРВОЗҲО

Онҳо дар синну сол баробаранд, фақат Алишер аз Фарҳод ҳамагӣ ду моҳ калон аст. Алишер аз синфи аввали мактабхонӣ ва Фарҳод бошад, ҳангоми дар синфи чорум хонданаш ба тамрини таэквандо пардохтанд. Устодони аввалини Алишер Гулов амакаш Рустам Гулов ва аз Фарҳод Неъматов бошад, Таҳмина Исоева буданд.

Ҳар ду соли 2006 аввал дар миёни наврасон ва баъдан миёни калонсолон чемпиони Ҷумҳурии Тоҷикистон шуданд.

Сафари аввалини Алишер ба хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон соли 2008-ум сурат гирифт. Дар ин ҷо ӯ аз рӯйи ду намуд: кирюгӣ ва кёпа (шикастани тахта) баромад карда, ҷойи дуюмро гирифт. Алишер Гулов соли 2009 аввал дар чемпионати кушоди Тоҷикистон, ки дар шаҳри Турсунзода сурат гирифт, иштирок карда, сазовори ҷойи дуюм гардид.

-Сафарҳои гурӯҳи мо ба хориҷи кишвар тез-тез сурат мегирифт, - мегӯяд Алишер Гулов. - Соли 2009 дар мусобиқаи байналмилалии Кубоки Ҷоми Фаҷр дар Ҷумҳурии Исломии Эрон иштирок карда, ҷойи сеюм ва баъдтар дар бозиҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Тошкент ҷойи дуюмро ишғол намудам. Баъд аз як сол дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон медали тилло насибам гардид.



Фаъолияти варзишии Фарҳод Неъматов низ ба мисли рафиқаш пур аз комёбиҳост, зеро таълиму тарбияи ҳар ду варзишгар аз як шоха маншаъ мегирад. Баъд аз таълими ибтидоӣ онҳо дар мактаби варзишии рақами дуюми шаҳри Душанбе дар назди мураббиҳои кордон Ҷаҳонзеб Паршошоев ва Ҷун Ҷунг Фи нозукиҳои варзиши таэквандоро аз худ намуданд.

- Ҳамаи устодони таълими таэквандо, ки ман аз онҳо сабақ гирифтаам, беҳтаринанд, вале миёни онҳо устод Ҷун Ҷунг Фи дигар аст, - мегӯяд Фарҳод Неъматов. - Сахтгирии ҳарбиёнаи ӯ то ба дараҷае аст, ки агар каме тоқат накунӣ, машқро тарк мекунӣ. Ба қавле ҷонатро фидо кун, вале супоришро бояд иҷро намойӣ.

Ӯ аввалин касе мебошад, ки таэквандоро ба Тоҷикистон овард. Аз ин хотир метавон ӯро муаллими ҳамаи омӯзгорони соҳаи варзиши таэквандо номид. Тарзи тайёрӣ ва тамрини устод Ҷун Ҷунг Фи бо таълими машқҳои берун аз марзи ҷумҳурӣ фарқ мекунад.

Фарҳод Неъматов ҳамаи муваффақиятҳои варзишии худро танҳо бо шарофати хизматҳои устодаш Ҷун Ҷунг Фи медонад. Зиёда аз ду сол мешавад, ки Фарҳод тайи сарпарастии ин устодаш машқ мекунад.

Ҷун Ҷунг Фи бовар дошт, ки шогирдонаш аз ӯҳдаи вазифаи ба зиммадоштаашон мебароянд.

Фарҳод баъди чемпионати Тоҷикистон соли 2007 дар шаҳри Москва дар мусобиқаи Кубоки пойтахтҳои ҷаҳон иштирок карда, ҷойи дуюмро соҳиб гардид. Соли 2009 дар чемпионати кушодаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар он намояндагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд, ҷойи дуюмро ишғол намуд.

Ҳангоми дар майдон баромад кардан Фарҳод худро бовар мекунонад, ки аз ӯҳдаи вазифааш ба хубӣ мебарояд. Ӯ маҳз бо тезҳаракатӣ дар майдон нисбати ҳарифонаш фарқ мекунад.

Таэквандо роҳ ва ҳаракатҳои хоси худро дорo аст. Дар он, пеш аз ҳама, ҳаракати пой дар ҷойи аввал аст.

Мавқеи худро дар ҷомеа пайдо кардан орзуи ҳар як инсон аст. Фарҳод ва Алишер низ дар дил чунин орзуро мепавариданд. Ният доштанд, ки дар бозиҳои сатҳи ҷаҳонӣ иштирок карда, Парчами ҷумҳуриро баланд бардоранд.

Баъди иштирок дар бозиҳои Осиёӣ дар шаҳри Бангкоки Тайланд барои гирифтани роҳхат ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 ба Фарҳод ва Алишер дари муваффақиятҳо боз гардид. Дар ин бозӣ Фарҳод дар вазни 80 кг бо ҳарифонаш Ананда Пандиа Раяна аз Ҳиндустон ва Ли Лаи аз Ҷумҳурии Халқии Хитой қувваозмоӣ намуда, ғолиб омада ва барои гирифтани медали биринҷӣ бо намояндаи давлати Қатар Аҳмад Сууд қувваозмоӣ намуд.

Алишер низ дар ин мусобиқа дар вазни 80 кг баромад карда, муваффақият ба даст овард ва ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 роҳхат гирифт.

Тавре худи Фарҳод мегӯяд, баромад кардан дар Бангкок ниҳоят душвор буд, зеро барои гирифтани роҳхат ба бозиҳои олимпӣ зиёда аз 100 нафар беҳтарин таэквандочиён ҷамъ омада буданд.

Ҳангоме ки се раунд баргузор шуда, ғолиб муайян нагардид, раунди тиллоӣ эълон шуд. Дар ин раунд Фарҳод бар варзишгари хитоӣ ғалаба ба даст овард.

- Шукри Худованд, бо дастгирии устодам дар ин мусобиқа дар раунди тиллоӣ дастболо шудам,- мегӯяд Фарҳод.

Айни замон Алишер ва Фарҳод ҳамроҳи устодашон дар шаҳри Инчони Кореяи Ҷанубӣ ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 омодагӣ мебинанд.

Мо, ҳаводорони бозии таэквандо, таманнои муваффақияти варзишгаронамонро дорем.

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ,***
***«Садои мардум»***

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**19 июли соли 2012 музоядаи №14-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда баргузор менамояд**

| т/р | Мансубият | Тамға | Соли бароориш | Рақами давлатӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ГАЗ-3102311 | 2003 | 138 TJ 01 | 7963 |
| 2 | Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ | ГАЗ-САЗ-3507 | 1987 | 33-26 ЛБМ | 1860 |
| 3 | | Москвич ИЖ-2715-01 | 1991 | 21-73 А 02 РТ | 1335 |
| 4 | | Москвич ИЖ-2715-01 | 1991 | 84-93 А 02 РТ | 1335 |
| 5 | | Москвич ИЖ-2715-011 | 1990 | 57-28 А 02 РТ | 1207 |
| 6 | | Москвич-412 | 1988 | 04-13 В 02 РТ | 2250 |
| 7 | | РАФ-220306 | 1988 | 66-80 А 02 РТ | 4296 |
| 8 | Корхонаи давлатии «Востокредмет» | А/кран СМК-7м | 1985 | 50-24 А 02 РТ | 4507 |
| 9 | | А/М МШТС-4м | 1986 | 20-14 ЛБЛ | 4334 |
| 10 | | А/рефж-ор Газ-5204 | 1986 | 20-40 ЛБМ | 2330 |
| 11 | | Автобус Т-3205 | 1993 | 50-69 А 02 РТ | 3888 |
| 12 | | Раф-22031 | 1990 | 44-17 А 02 РТ | 1389 |
| 13 | | ИЖ-2715 | 1991 | 50-51 А 02 РТ | 1147 |
| 14 | МНА- 4 ноҳияи Ҷаббор Расулов | КАМАЗ-5511 | 1987 | 16-66 ЛБЛ | 4640 |
| 15 | | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-63 ЛБЛ | 4653 |
| 16 | | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-62 ЛБЛ | 4653 |
| 17 | | КАМАЗ - 5511 | 1984 | 02-50 ЛБЛ | 4648 |
| 18 | | КАМАЗ – 5511 | 1986 | 39-21 ЛБЛ | 4626 |
| 19 | | ЗИЛ-ММЗ-45021 | 1987 | 49-02 А 02 РТ | 1263 |
| 20 | | ГАЗ-53 | 1985 | 34-86 А 02 РТ | 1073 |
| 21 | | МАЗ-5549 | 1986 | 04-57 А 02 РТ | 1896 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927964016.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои воситаҳои нақлиёт ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927964016,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**19 июля 2012 года проводит аукцион №14 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении**

| п/н | Принадлежность | Марка | Год выпуска | Гос номер | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Центральная избирательная комиссия по выборам и референдумам Республики Таджикистан | ГАЗ-3102311 | 2003 | 138 TJ 01 | 7963 |
| 2 | Служба государственного контроля по фитосанитарии и карантин растения | ГАЗ-САЗ-3507 | 1987 | 33-26 ЛБМ | 1860 |
| 3 | | Москвич ИЖ-2715-01 | 1991 | 21-73 А 02 РТ | 1335 |
| 4 | | Москвич ИЖ-2715-01 | 1991 | 84-93 А 02 РТ | 1335 |
| 5 | | Москвич ИЖ-2715-011 | 1990 | 57-28 А 02 РТ | 1207 |
| 6 | | Москвич-412 | 1988 | 04-13 В 02 РТ | 2250 |
| 7 | | РАФ-220306 | 1988 | 66-80 А 02 РТ | 4296 |
| 8 | Государственное предприятие «Востокредмет» | А/кран СМК-7м | 1985 | 50-24 А 02 РТ | 4507 |
| 9 | | А/М МШТС-4м | 1986 | 20-14 ЛБЛ | 4334 |
| 10 | | А/рефж-ор Газ-5204 | 1986 | 20-40 ЛБМ | 2330 |
| 11 | | Автобус Т-3205 | 1993 | 50-69 А 02 РТ | 3888 |
| 12 | | Раф-22031 | 1990 | 44-17 А 02 РТ | 1389 |
| 13 | | ИЖ-2715 | 1991 | 50-51 А 02 РТ | 1147 |
| 14 | АТП- 4 Джаббор Расуловского района | КАМАЗ-5511 | 1987 | 16-66 ЛБЛ | 4640 |
| 15 | | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-63 ЛБЛ | 4653 |
| 16 | | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-62 ЛБЛ | 4653 |
| 17 | | КАМАЗ - 5511 | 1984 | 02-50 ЛБЛ | 4648 |
| 18 | | КАМАЗ – 5511 | 1986 | 39-21 ЛБЛ | 4626 |
| 19 | | ЗИЛ-ММЗ-45021 | 1987 | 49-02 А 02 РТ | 1263 |
| 20 | | ГАЗ-53 | 1985 | 34-86 А 02 РТ | 1073 |
| 21 | | МАЗ-5549 | 1986 | 04-57 А 02 РТ | 1896 |

Приём заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927964016.**

Метод проведения: ***английский.*** Время проведения **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж государственного имущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и госдурственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927964016**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН !

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1791/1-809 | Маркази ҷумҳуриявии барқароркунии саломатии кӯдакон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 27 | 29.06.2012 соати $9^{30}$ |
| 1792/1-810 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 39000 | 29.06.2012 соати $10^{00}$ |
| 1793/1-811 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 36475 | 29.06.2012 соати $11^{00}$ |
| 1794/2-522 | Маркази саломатии ноҳияи Ҳисор | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Ангиштсанг (кони Айнӣ) | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 29.06.2012 соати $10^{00}$ |
| 1795/3-421 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №45, ноҳияи Рӯдакӣ | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири боми бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.06.2012 соати $11^{00}$ |
| 1796/3- 422 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №76, ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе | Х. Исмоилов 227- 04-75 | Таъмири роҳравҳо ва беруни бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.06.2012 соати $11^{00}$ |
| 1797/3-423 | Маркази тиббии ш.Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 9.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 1798/3-424 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №42, ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Иваз намудани тирезаҳои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.06.2012 соати $14^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СУРОҒАИ КОРХОНА: ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ХИЁБОНИ РӮДАКӢ 44 (ОШЁНАИ 2-ЮМ). ТЕЛЕФОН:221-73-74, ФАКС: 221-49-87**

**Музоядаи англисии №2/1-ро оид ба фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомӣ эълон менамояд**

| т/р | Номи ҷамъиятҳои саҳомӣ | Суроға | Намуди фаъолият | Теъдоди саҳмияҳо дар 1 лот | Теъдоди лотҳо (дона) | Ҳаҷми 1 лот дар сармояи оинномавии ҶС (бо фоиз) | Нархи ибтидоии лот (бо сомонӣ) | Қарзҳои кредитории ҶС (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶСК «Тамокубарории Душанбе» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Телман 31 | коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тамоку | 1528 | 1 | 100 | 3000000 | 21053595 |
| 2 | ҶСК «Хизматгузор» | шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ 17 | ташкили таъмир ва ташхиси наклиёти мусофирбар | 31740 | 1 | 100 | 500000 | 23436 |

Музояда 19 июли соли 2012 соати $10^{00}$ дар шаҳри Душанбе бо суроғаи хиёбони Рӯдакӣ 44 баргузор мегардад. Барои иштирок кардан шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ даъват мешаванд. Бақайдгирии иштирокчиён бо суроғаи нишондодашуда дар рӯзи корӣ гузаронида шуда ва як соат пеш аз саршавии музояда ба охир мерасад. Музояда мувофиқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши иншоотҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №98 аз 1 марти соли 2004 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад.

Низомномаро аз Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва намояндагиҳои (филиалҳои) дар маҳалҳо воқеъбудаи он харидан мумкин аст. Ҳамаи хоҳишмандон ҳуқуқ доранд дар рӯзҳои корӣ бевосита ба корхонаҳое, ки саҳмияҳояшон барои фурӯш дар музояда гузошта шудааст, рафта, бо фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо шинос шаванд.

Барои бақайдгирӣ дар музояда иштирокчиён ҳуҷҷатҳои дар Низомнома нишондодашударо пешниҳод менамоянд ва кафолатпулиро ба миқдори 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот пардохт мекунанд. Кафолатпулӣ тариқи нақдӣ тӯли рӯзҳои корӣ дар суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 қабул карда мешавад ва як соат пеш аз саршавии музояда қатъ мегардад.

Пардохти ғайринақдӣ ба суратҳисоби 20202972710600000929, ҳисоби муросилотӣ 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226 филиали «Ориёнбонк»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ қабул карда мешавад ва як рӯз пеш аз оғози музояда қатъ мегардад. Кафолатпулие, ки ғолиб супоридааст, ба нархи хариди лот ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши саҳмия месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро аз ҷониби ташкилкунандагони музояда бо телефонҳои Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 221-73-74, 221-49-87 гирифтан мумкин аст.

**Эзоҳ:** КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дуруст будани қарзҳои кредиторӣ кафолат намедиҳад.

# Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

**РАСПОЛОЖЕННОЕ ПО АДРЕСУ: ГОРОД ДУШАНБЕ, ПР. РУДАКИ 44, ТЕЛЕФОН: 221-73-74, ФАКС: 221-49-87**

**Объявляет английский аукцион № 2/1 по продаже принадлежащих государству акций акционерных обществ (АО)**

| п/н | Наименование акционерного общества | Местонахождение | Вид деятельности | Кол-во акций в 1 лот | Кол-во лотов (штук) | Объем 1 лота в уставном фонде АО (в %) | Стартовая цена лота (в сомони) | Кредиторские задолжности АО (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ОАО «Тамокубарории Душанбе» | город Душанбе, улица Телмана 31 | разработка и производство табачного изделия | 1528 | 1 | 100 | 3000000 | 21053595 |
| 2 | ОАО «Хизматгузор» | город Душанбе, улица С. Шерози 17 | ремонт и диагностика пассажирского транспорта | 31740 | 1 | 100 | 500000 | 23436 |

Аукцион состоится 19 июля 2012 года в $10^{00}$ часов в городе Душанбе по адресу: пр. Рудаки 44. Для участия приглашаются физические и юридические лица. Регистрация участников производится по адресу проведения аукциона в рабочее время и заканчивается за час до начала аукциона.

Аукцион проводится в соотвествии с «Положением о порядке продажи объектов государственной собственности на аукционах» утвержденное Постановлением Правительства Республики Таджикистан за №98 от 1 марта 2004 года. Текст положения может быть приобретен желающими у ГУП по организации продаж госимущества и его территориальных филиалах.

Для ознакомления с финансово-хозяйственной деятельностью предприятий акции, которых выставляются на аукцион, все желающие имеют право доступа на предприятие в рабочее время. Для регистрации участников в аукционе необходимо представить документы указанные в Положении и оплатить гарантийный взнос (ГВ) в размере 350 показателей для расчетов за один лот.

ГВ принимается наличными в рабочее время по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44 и заканчивается за час до начала аукциона. Безналичная оплата производится на расчетный счет 20202972710600000929, к/сч. 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226, филиал Ориёбанка района Исмоили Сомони и заканчивается за день до начало аукциона.

ГВ Победителя аукциона засчитывается в счет оплаты цены продажи лот. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продовца комиссионнный сбор в размере пяти процентов и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному адресу: телефонам Государственного унитарного предприятия по продаже государственного имущества 221-73-74, 221-49-87.

**Примечание:** ГУП по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан не гарантирует достоверность данных кредиторских задолженностей.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**19 июли соли 2012 музоядаи №3-ро оид ба фурӯши воситаҳои асосии ҶДММ «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка - «Тоҷам», ки бо ҳалномаи Суди иқтисодии вилояти Суғд барҳам дода шудааст, баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи амвол | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Воситаҳои асосии ҶДММ «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка - «Тоҷам» | ш. Исфара | 2000000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои иншоотҳо ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**19 июля 2012 года проводит аукцион №3 по продаже основных средств ООО «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка - «Тоҷам», ликвидированного Экономическим судом Согдийской области**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Основные стредства ООО «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка - «Тоҷам» | г. Исфара | 2000000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: **английский.** Время проведения **$10^{00}$** часов. Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Патенти дорои РЯМ 0930024178 бо РМА 095115264-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 25 апрели соли 2010 ба Каримова Зеварой додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ таҳти №1088646 бо РЯМ 0130023484-и дар сӯхтор нобудшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 10 январи соли 2007 ба Ятимов Неъматулло Фатхуллоевич додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №11240102 (т) 243-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2012 ба Шарифзода Фатхулло Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А, рақами 0191074-и гумшуда, ки онро МТМУ №101, шаҳри Турсунзода 14 июни соли 2008 ба Холмуродов Маҳмадҷон Маҳмудҷонович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №09-07/02-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россияву-Тоҷикистон соли 2009 ба Давлатов Фаридун Қаххорович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢Шаҳрванд Ризвонова Ороста Раҷабовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0121205 бо РЯМ 1330005289 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Тоҷикобод 22 сентябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Шоматов Нуридин Асатуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0231254 бо РЯМ 0430111175 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 27 апрели соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Ҷӯраев Шукур Асатович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0086500 бо РЯМ 0730023168 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Аҳли кормандони Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марги директори Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикор

**Холмумин САФАРОВ**

андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва наздикони марҳум изҳори тасаллият мекунанд.


# Ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» хатсайри нави Хуҷанд – Бишкек – Хуҷандро ифтитоҳ менамояд



**Парвозҳо дар хатсайри нав ҳафтае як маротиба рӯзҳои душанбе тавассути ҳавопаймои Боинг 737-500 сурат мегиранд. Вақти парвоз аз фурудгоҳи Хуҷанд соати $11^{00}$ муқаррар гардида, давомнокии парвоз як соатро ташкил медиҳад. Арзиши чипта - 130 евро.**

**Аз фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд ҶСК «Тоҷик Эйр» айни замон ба самти Москва, Новосибирск, Санкт-Петербург ва Алма-ато парвозҳо анҷом медиҳад.**


# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**9 июли соли 2012 музоядаи №15-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд**

1. Бино ва иншооти Базаи Симиганҷи КВ «Экспедитсияи иктишофию геологии Помир», воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Зайнаббибӣ, бо нархи ибтидоии 350 347 сомонӣ.
2. Бино ва иншооти ҶСШК «Шабакаҳои барқи Истаравшан», воқеъ дар шаҳри Истаравшан, кӯчаи Т.Холиқов 12, бо нархи ибтидоии 150 000 сомонӣ.
3. Бинои анбор ва боғи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Панҷакент, воқеъ дар шаҳри Панҷакент, шаҳраки Навобод, бо нархи ибтидоии 100 000 сомонӣ.
4. Бино ва иншооти мошинсаройи Идораи давлатии хоҷагии оби «Катта-Сой», воқеъ дар шаҳри Истаравшан, кӯчаи Т.Холиқов 52, бо нархи ибтидоии 120 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**9 июля 2012 года проводит аукцион №15 по продаже недвижимости**

1. Здание и сооружения Базы Симиганч УП «Экспедитсияи иктишофию геологии Помир», адрес: город Вахдат, улица Зайнаббиби, со стартовой стоимостью 350 347 сомони.
2. Здание и сооружение «Шабакахои барқи Истаравшан», адрес: город Истаравшан, улица Т.Холиков 12, со стартовой стоимостью 150 000 сомони.
3. Здание склада и сад Государственного учреждения по содержанию автомобильных дорог города Пенджикент, адрес: город Пенджикент, посёлок Навобод, со стартовой стоимостью 100 000 сомони.
4. Здание и сооружение автогаража Государственного предприятия водного хозяйства «Катта-Сой», адрес: город Истаравшан, улица Т.Холикова 52, со стартовой стоимостью 120 000 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: **английский.** Время проведения **$10^{00}$** часов. Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**


# «ШИРЛАЙН" - дар бист рӯз хароб мешавем!




**Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.**

«Ширлайн»-ро замони гирифторӣ ба бемориҳои бехобӣ, асабоният, бавосир (геморрой) ва кори сусти узвҳои ҳозима истеъмол намудан манфиати зиёд дорад. Ҳангоми гастрити бардавом, бемории захми меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта(як қошуқчаашро дар 150 г об ҳал карда, рӯзе се бор истеъмол кунед).

Таҳти пӯст ва рӯйро ҳамвор ва зебо мекунад. «Ширлайн» ҳамчунин воситаи беҳамто барои тоза намудани организм ва мулоим кардани он ва раҳоӣ аз вазни зиёдатист.

**ИСТЕЪМОЛИ БЕ ТАНАФФУСИ ОН ДАР ДАВОМИ БИСТ РӮЗ ШУМОРО АЗ ПАНҶ КИЛО ВАЗНИ ЗИЁДАТӢ РАҲОӢ МЕБАХШАД.**

(2 қошуқча дар 200 мл об омехта намуда, дар як рӯз як бор саҳарӣ бо дили гурусна нӯшед).

Организми инсонро одат намекунонад ва ба ҳоли пештараи фарбеҳшавӣ бар намегардонад.

Истеъмоли он такроран мумкин аст. Пуртаъсир ва тамоман безарар аст.

**Маҳсулот дорои сертификат мебошад. Тарзи фурӯш:** бе дорухати духтур метавонед харидорӣ намоед.

**Истеҳсолкунанда: Россия. Аз дорухонаҳо пурсон шавед. Нархаш 36-45 сомонӣ**

# АРТРОВИТ-и гармибахш (согревающий)




**Шакли истеҳсол: 125 мл.**

***ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ***

**Таъсир:** барои истифода ҳангоми бемории артритҳо (буғумдард), миалгияҳо (дарди мушакҳо), невралгияҳои байниқабурғавӣ, невритҳо, сарбориҳои барзиёд ба узвҳои такяву ҳаракат ва оқибати латхӯриҳо.

Унсурҳои фаъоли малҳам таъсири баръалои зиддиилтиҳобӣ ва антисептикӣ доранд, таркибаш рагҳоро васеъ мекунанд ва ангезиш ба вуҷуд оварда, ба ин тариқ беҳшавии гардиши хунро мусоидат мекунад.

Истифодаи малҳам аломатҳои нотобии буғумҳоро хеле кам мекунад, дард, варам, илтиҳоб бартараф мешавад, ҳаракати буғумҳо беҳ мегардад.

Омӯзиши клиникии таъсирбахшӣ ва тобоварии инфиродӣ дар муассисаҳои бонуфузи табобатӣ ва илмии Россия анҷом дода шудааст:

***«Пажӯҳишгоҳи ревматологияи Академияи илмҳои тибби ФР» «Маркази шаҳрии ревматологии Москва» ва ғайраҳо...***

Натиҷаҳои бадастомада таъсирбахшии баланди воситаро исбот сохтанд ва афзалияти «Артровит»-ро безарар ва одатнадиҳанда баҳо додаанд.

**Тавсияҳо оиди истифода:**

Малҳамро рӯзе ду ё се маротиба ба пӯсти буғуми дардманд бо ҳаракатҳои масҳкунанда молед.

Ба нафарони пӯсташон аз ҳад зиёд нозук истифодаи «Артровит»-и ғизобахш (питающий) тавсия мешавад.

Аз расидан ба чашм эҳтиёт бошед.

**Таркиб:** бензилникотинат, равғани эфири пӯдина, равғани эфири эвкалипт, равғани қатрон (скипидар), ҷавҳари қаланфури сурх, ҷавҳарҳои эвкалипт, липа, газна, девясил, тихач, пижма.

**Телефон барои маълумот: 985-10-55-05 ва 918-47-93-93.**

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**

# Шампун бо номи «КОНЦЕНТРАТ»



***БАРОИ ЗУД БАРҚАРОР, МУСТАҲКАМ ВА ДАРОЗ КАРДАНИ МӮЙҲО***

Консентрат бо ҷавҳари баргҳои тару тозаи газна воситаи идеалист барои нигоҳубини ҳама намуд мӯйҳои мушкилотдор.

Илтиҳоби пӯстро коҳиш медиҳад, кори ғадудҳои арақу равғанбарорро ба танзим медарорад, ба решаи мӯйҳо ғизо мебахшад. Ҳангоми осеб дидани мӯйҳо, калшавӣ ва сабӯсаки сар фоидаовар аст. Шикастан ва дуқӯша шудани мӯйҳоро пешгирӣ мекунад,

Барои мӯйҳои хушку тунук, сафед, равғанин; барқарор кардани мӯйҳои аз таъсири омилҳои беруна ва аз зиёд ранг кардан осебдида; ҳангоми рехтани мӯйҳо тавсия дода мешавад.

Баъди истифода аз шампуни **«КОНЦЕНТРАТ»** мӯйҳо озода ва итоаткор мешаванд.

Аз чорсола боло ба ҳамаи синну сол ва бар марду зан истифодабариаш мумкин аст.

Истифодабариаш махсус рӯзҳои муайянро талаб намекунад.

**ШАКЛИ ИСТЕҲСОЛ. Лӯлачаи 150 мл. Телефонҳо барои маълумот: 985-10-55-05; вилояти Суғд ва ноҳияҳои он 985-33-33-17. Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**



Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 18 июни соли 2012, соати 17.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26647 нусха

Навбатдори шумора М. Бобокалонов

Тарроҳи компютерӣ И. Самохин